# *=Тарҷумаи ҳол=*

***Бузургмеҳри Баҳодур*** (Салимов Бузургмеҳр Баҳодурович) *Buzurgmehr BAHODUR 9 июни соли 1992 дар деҳаи Ғазантараки ноҳияи Ғончӣ (Деваштич) ба дунё омад. Соли 2010 мактаби рақами 51 - и зодгоҳро хатм намуда, ҳамон сол ба* ***Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи устод Сотим Улуғзода*** *дохил шуд. Маълумоти ихтисосии суханшинос (филолог) - и тоҷикро дорад. Соли 2014 барои идома додани таҳсил ба Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии* ***Академияи илмҳои Тоҷикистон*** *шомил шуда, соли 2016 соҳиби маълумоти дувум гардид. Фаъолияти меҳнатиро дар моҳномаи* ***«Истиқбол»*** *оғоз намуда, аз соли 2014 то ҳол корманди рӯзномаи* ***«Ҷумҳурият»*** *аст.*

*Соли 2016 нахустин маҷмӯаи шеъраш таҳти унвони* ***«Ҳамболи турнаҳо»*** *дар нашриёти* ***«Истиқбол»*** *нашр гардид ва соли 2017 ба узвияти* ***Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон*** *пазируфта шуд. Соли 2018 сазовори* ***Ҷоизаи Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон*** *дар соҳаи адабиёт гардид.*

*Намунаи шеърҳояш бо забонҳои* ***англисӢ, чинӣ ва ӯзбекӣ*** *тарҷума шуда, дар маҷмӯаҳои алоҳида ва матбуоти даврӣ интишор ёфтаанд.*

**oftob1888@gmail.com**
**buzurgmehr_7777@mail.ru**

тел: + (992) 985 141 888,
+ (992) 934 241 888

## ШОИРЕ БО ҒУРУРИ КОВИЁНА

Бузургмеҳри Баҳодур шоири маъниҷӯй ва пажӯҳишгари навроҳ аст. Шеърашро ҷустуҷӯҳои илмӣ ва бозёфтҳои таҳқиқотияш пурбору ғанӣ месозад. Ин ду риштаи аз ҳамдигар мутафовит: шеъру илм, ки яке эҳсоси волову пуршӯр ва дигаре табиати орому гӯшагирона ва тамкину таҳлилҳои ҷиддии ақливу мантиқиро тақозо менамояд, Бузургмеҳрро шефтаву дилбастаи худ намудааст. Ва ӯ дар ин ду ҷодаи мушкилписанд огоҳона роҳ паймуданро бомаром оғоз кардааст. Бар замми ин, ӯ рӯзноманигори болаёқат ва пурмаҳсул низ мебошад.

Дар кадоме аз ин риштаҳо бештар комёб мешавад, талошу кӯшишҳои ояндааш муайян менамояд. Дафтари нахустини шеърашро бо шавқ хондаам. Ҳоло, ки дафтари дувуми ашъорашро мутолиа кардам ва гузоришу мақолаҳои рӯзноманигорияшро пайваста аз саҳифаҳои матбуот мехонам, бо итминон гуфта метавонам, ки ӯ шоири бо дардҳо ва шодиҳои зиндагӣ ошно ва рӯзноманигори хубест.

Бузургмеҳр ҷавони бебоку самимӣ ва ҳассос аст. Табиати ҷӯяндаву беқарор ва пуршӯри ӯ аз шоири ростин буданаш мужда медиҳад.

Чунон ки аз ашъораш ҳувайдост, ӯ шеърро танҳо барои ба дигарон расонидани паёме намегӯяд, балки бо гуфтани ҳар шеър мехоҳад, худашро, дунёи дарунашро ҳам дигаргун кунад, ки ин ҳолат хосси шоирони асилу ростин аст.

Бузургмеҳр шоирест, ки гоҳо аз як садо ҳам саршор ва дар ҳарими як наво изҳор мешавад, ки аз эҳсосоти баланд ва ҳамнавоию ҳамдилии шоиронаи ӯ бо зебоиҳои табиат ва муҳити зиндагияш гувоҳӣ медиҳад:

**Метавон аз як садо саршор шуд,**
**Дар ҳарими як наво изҳор шуд.**
**Метавон хамёзаи гулҳо шунид,**
**Аз нафасҳои гуле ҳушёр шуд.**

Муҳим он аст, ки Бузургмеҳр маромномаи шоирӣ ва заҳмати эҷоди шеъри асилро хуб мешиносад, кори шоирӣ ва масъулияти бардоштани бори суханро осон ва саҳлу сода намепиндорад. Арзу тӯли ин роҳро ӯ чунин шоирона ва воқеъбинона баён кардааст:

**Даруни шеър бояд рӯҳро ҷо кард,**
**Дили маҷрӯҳро ҷо кард;**
**Даруни шеър рӯҳи боду борону замину**
**осмону ҷангали анбӯҳро ҷо кард,**
**Ғами шодиву шодии ғаму андӯҳро ҷо кард.**

Ӯ суханро дар қолабҳои суннатӣ ва шеъри нав мерезад ва андешаву тасвиркориҳои ҳунарӣ дар шеъраш ҷой дорад. Ба маънии дигар, дар шеъри ӯ андеша ҳам ҳасту тасвиргариҳои шоирона ҳам мушоҳида мегардад.

Масалан, дар ситоиши Модар чунин байтҳои ба ёд мондани дорад, ки андешаи хосси ӯро дар шинохти ин мавҷуди муқаддас нишон медиҳад:

**Ҳаст мисли парчами фасли баҳор**
**Дар сараш рӯмоли пурнақшу нигор.**
**Мақдами некаш ба файзи эзадӣ,**
**Хонаро пур карда аз бахту барор.**

Ду намунаи тасвиркории шоиронаи Бузургмеҳрро дар мисоли тасвири лола, ки хеле зебост, аз назар мегузаронем:

**Барорӣ сар зи хок, эй лола акнун,**
**Кунӣ сад пуштаро саршор аз хун.**
**Намоди ишқу ошиқ гаштӣ, азбас,**
**Ба саҳро медамӣ аз хуни Маҷнун.**

***

**Лолаҳоро ҳамчу шамъи сурхи дашт,**
**Рӯзи мелоди баҳор афрӯхтанд.**
**То даме боди ғурубе пуф накард,**
**Шамъҳо зебову рӯшан сӯхтанд.**

Садои матини ғурури инсониву миллӣ ва ифтихори ватандорӣ дар аксари шеърҳои ӯ шунида мешавад ва акси ин садо қалби хонандаро низ моломоли ифтихор менамояд. Шоири ҷавон худро ворисӣ бонангу номи фарзандони бузурги ниёгонаш, аз ҷумла Кова медонад:

**Барои Кова баъд аз ин манам писар, манам писар.**
**Дигар барои ҳар писар, манам сипар, манам сипар,**
**Ба ҳадди кӯҳи Меҳанам баланд кардаам дирафш,**
**Ба захмчашми душманон сипанд кардаам дирафш.**

Бузургмеҳр ҳамчун ворисӣ шоиста бори ғурури инсонӣ, бори муқаддаси сухан ва ормонҳои ҳунарии шоирону бузургмардони миллаташро ошиқона бар дӯш бурданист ***/«Фақат мақсуди ман аз шеър ин аст, Ки дарду нолаи ногуфта гӯям»/*** ва дар ин ҷода худро содиқона писари Кова медонад. Умедворем, ки ӯ ин рисолатро ба таври шоиста ба ҷо оварда метавонад.

**Анзурат МАЛИКЗОДА,**
**адабиётшинос**

## САРШОР

Метавон аз як садо саршор шуд,
Дар ҳарими як наво изҳор шуд.

Метавон хамёзаи гулҳо шунид,
Аз нафасҳои гуле ҳушёр шуд.

Нест дидан чашм бикшодан ҳанӯз,
Эй басо хурмо, ки бар мо хор шуд.

Хилвати дидори мо буд он дарахт,
Баҳри қатли ошиқе дӣ дор шуд.

Метавон аз кулбае ҳастӣ шинохт,
Бетафаккур метавон девор шуд.

Беҳ зи нав, ки равнақи бозор нест,
Мешавад дилбастаи такрор шуд.

Мешавад бе ҳеч бурҳон дил супурд,
Мешавад овораи инкор шуд.

Сури Исрофил бедорат накард,
Метавон бо бӯсае бедор шуд

## АЗОН

*Ба духтаракам Манижа*

**Т**у омадиву хонаҳо пур аз навои алла шуд,
Садои ту азони мардуми маҳалла шуд,
Садои ту, ки як дами азони ҳазрати Билол буд,
Сиришки ту чу оби чашми Фотима зулол буд.
Фидои дастакони сабзи ту, ки аз биҳишт омаданд,
Фидои чашмакони нағзи ту,
худосиришт омаданд...
Фариштадухтарам,
Ҳумои бахт бар сарат.
Гули нигоҳи ташнамеҳри ман бирезад аз сару барат.
Чу туҳфаи Худо расидаӣ ба модарат,
Ки чизу кас набуда дар ҷаҳон баробарат.
Ту дар кафи ду дастакат ниҳон намуда гавҳари дили маро
Чи поку бегуноҳу лоязолӣ омадӣ,
Ба рағми бахти хуфтаам ба некфолӣ омадӣ,
Зи файзи мақдамат барои зиндагӣ баҳона пур шуда,
Зи ишқу меҳрубонӣ хона пур шуда.
Забони ман, ки вақти зоданат зи ҳарф монда буд,
Зи “ҳеч шодӣ нест андар ин ҷаҳон”-у аз тарона пур шуда,
Лабони модарат зи ғунчаҳои шукри шаккарона пур шуда
Ва чӯби гоҳвораат шукуфта аз ҷавона пур шуда...
Ту омадиву хонаҳо пур аз навои алла бод,
Садои хандаат азони мардуми маҳалла бод!..

## РУСТШАВАКОН

Ту пинҳон мешудӣ аз ман,
Ман аз ту мешудам пинҳон.
Маро меёфтӣ мушкил,
Туро меёфтам осон.

Зи кунҷе ногаҳон ёбам,
Пур аз шӯру шааф будӣ.
Зи хурсандию хандоханд,
Ту гӯӣ шодикаф будӣ.

Маро гуфтӣ, зи нав бишмор,
Зи нав чашмони худро банд.
Ҳамон буд охирон хоҳиш,
Ҳамон буд вопасин лабханд…

Шумурдам то ҳазору анд,
Куҷо пинҳон шудӣ, эй ёр.
Намеёбам нишонатро
Паси дарвозаву девор.

Ту рафтӣ аз барам ногаҳ,
Ба бозиҳои тифлона.
Пур аз акси садо кардам,
Дару девору таҳхона.

Зи дурӣ омад ин овоз:
На пинҳонам паси девор,

Ниҳонам пушти сад озор,
Паси тақдири безинҳор…

## КӮДАКӢ

**К**ӯдакӣ бо зочаҳои хоҳари ман мондааст,
Кӯдакӣ дар хандаҳои додари ман мондааст.

Бо нидои кӯдаки ҳамсоя тӯбаш дар бағал,
Кӯдакӣ то ҳол дар пушти дари ман мондааст.

Хонаҳо месохтам аз лою хас, обаш рабуд,
Кӯдакӣ дар хонаи чашми тари ман мондааст.

Аз кабӯтарбозӣ осудам, пару болам бирехт,
Андаруни болишам гӯё пари ман мондааст.

Сад ҳавопаймо зи коғаз сохтам бо орзу,
Орзуҳои самоӣ дар сари ман мондааст.

Қиссаҳое, ки шунидам, беасар аз ёд рафт,
Дар дилам афсонаҳои модари ман мондааст.

Ҳар саҳар оина расми пирии ман мекашад,
Кӯдакӣ дар боғи сабзи бовари ман мондааст.

## НОЗИ ЗИНДАГӢ

**Ч**ӣ баҳорест пур аз ширинӣ,
Шаҳдрез олучаю зардолу,
Ранги гелос чу рухсораи ёр,
Даври рӯсурхии тифлии маро ёд орад.
Таъми туте, ки заминрез шудаст,
Маззаи кӯдакиро ёд орад.

Чӣ баҳорест пур аз бӯи ҳавас,
Гули себу гули хуч,
Накҳати ишқи ҷавонӣ ба ҳаво мебезад.
Ҳамраҳи бодбарак
Ҳамаи хотираҳоям ба фазо мехезад.

Чӣ баҳорест пур аз боди умед,
Ки мувофиқ ба муроди дили мо омадааст;
Хабар аз ишқу сафо омадааст.
Дил ба фардои мунаввар дари худ боз кунад,
Зиндагӣ ноз кунад…

## МУШКИЛКУШОЙ

**М**ушкилписанд, модар, мушкилкушой, модар,
Ҳам роҳпой, модар, ҳам раҳнамой, модар.
Ҳам шамс дилқринат, ҳам моҳ дар ҷабинат,
Ҳастӣ чу арш барҷо бе тахту ҷой, модар.
Осоише надидӣ аз дарду ғусса, аммо
Андуҳзудой, модар, шодифизой, модар.
Моро гусел карда, дар кунҷи хона танҳо,
Бигристӣ зи ҳиҷрон бо ҳой-ҳой, модар.
Ашки ниҳониатро ҷуброн чӣ сон тавон кард?
Ноогаҳии моро бахшой, ой, модар.
Гаҳ бахт ҷуста рафтам, гаҳ тахт ҷуста рафтам,
Ғофил, ки дар кафи туст мурғи ҳумой, модар.
Қадри туро агарчи мо - ғофилон надонем,
Болост қимати ту назди Худой, модар.
Мо зангбаста ҳастем, оинакорӣ аз туст,
Ин ҷурму кини моро аз дил зудой, модар.
Роҳе, ки мерасонад моро ба растагорӣ,
Бо як ишораи худ бар мо намой, модар.
Дар ин саройи куҳна бас навҳаҳо кашидам,
Як лаҳза аллаатро аз нав сарой, модар.
То дасти сарди пирӣ аз доманам нагирад,
Баҳри Бузургмеҳрат ту дер пой, модар.

## ЯК БАРГ

**Чӣ** мушкил офаридан тифлакеро,
Ки модар кашмакаш бо марг дорад.
Ту гӯӣ, ки дарахти фасли поиз,
Ба нӯги шохааш як барг дорад;

Чӣ барге? Барги сабзи зиндагонӣ,
Биларзад ҳамчу набзи зиндагонӣ…

## БОМДОДИ МОДАР

**М**одарам чашму чароғи зиндагист,
Ҳамнавоӣ мекунад хуршедро.
Оташе афрӯхта, сӯи замин
Раҳнамоӣ мекунад хуршедро.

Ҳар гаҳе аз хоб бедорам кунад,
Нарм-нарм ояд садои гуфтугӯ.
Бӯи ширу кулчаҳои сурхрӯ,
Бӯи оташ мекунад дастони ӯ.

Номи ман гирад чу номи бахти худ,
Сер гардам аз садои модарам.
Ӯ балогардони аҳли хона аст,
Дарду ғамро дур ронад аз сарам

Ҳаст мисли парчами фасли баҳор
Дар сараш рӯмоли пурнақшу нигор.
Мақдами некаш ба файзи эзадӣ,
Хонаро пур карда аз бахту барор.

## ЗАНГӮЛАВУ ОИНА

*Ба Шаҳнозаи азиз, то меҳрубониҳои падараш Соҳиб фаромӯшаш мабод!*

**Т**у, эй зангӯлаи бедории умрам,
Маро з-он сӯи дунё хона мехонад садои ту,
Садои хандаҳои беғубору бебаҳои ту,
Дилам саршор бошад аз ҳавои ту.
Ниҳоли орзуи решапайвандам,
Маро маъзур дор, эй тифли дилбандам,
Ки ними умри ман дар роҳҳо бигзашт,[1]
Зи ту гаҳ дур рафтам, моҳҳо бигзашт.
Вале ин моҳҳоро ман барои чашмаки рахшандаат кам мекунам бисёр,
Вале ин роҳҳоро ман барои дидани лабхандаат тай мекунам ҳар бор…
Агар як лаҳза чашми бегуноҳатро ба ёд орам,
Ба чашмам ашк ҷорӣ мешавад ногаҳ,
Дилам арғушти дастафшонии ту меравад ногаҳ,
Хаёлам ҳам пайи мусиқии помонии ту меравад ногаҳ…
Ту, эй оинаи нуқсу камоли ман,
Маро сад бор бо ман рӯ ба рӯ кардӣ.
Агар гоҳе зи худ рафтам ва ё гум кардаам худро

[1] Агарчи ними умри беҳтаринам дар сафар бигзашт… устод Мирзо Турсунзода

Зи байни дафтару аз аксҳоям ҷустуҷӯ кардӣ.
Ва вақте тирамоҳи умри ман барги дарахти ишқро афшонд,
Маро аз сурхии гелосу ширинии зардолу
Ҳаётамро саройи рангу бӯ кардӣ,
Ту, эй маънои рангини баҳори ман,
Зи ангуштони сабзат сабз гардад ифтихори ман
Ҳаросам нест аз фардои бехуршед,
Чаро ки ман туро дорам, туро, эй мояи уммед,
Раҳам испед!

## СОАТИ МОДАРИ МАН ХУРШЕД АСТ

**С**оати хонаи мо хобидаст,
Модарам бетақвим,
Модарам бесоат,
Сарҳисоби гираҳи тобу табаш медонад.
Аз раҳи рафтану бозомадании Хуршед
Гузари рӯзу шабаш медонад.
Аз ҳисоби ҳамаи суду зиён;
Аз рақамҳои парешони умр,
Рӯзи мелоди маро медонад.
Зотан ӯ фалсафаи зиндагиро медонад,
Ки барои дигарон зистан аст
бесоат, бетақвим…
Рӯзи ӯ испед аст,
Ба дилаш ақрабаки уммед аст,
Соати модари ман Хуршед аст.

## БАҲОРПАРВАР

*Ба хоҳарам*

**Т**у нусхаи сиришти поки модарам,
Ба неку зишти зиндагӣ ту доварам.
Ту ҳам чу модарам гулу баҳор парварӣ,
Баҳорпарварам.
Барои ман,
Барои кӯдакони ман зи ҳар чи ҳаст, бигзарӣ,
Фишонда даст бигзарӣ.
Аз остона ҳар гаҳе садот бишнавам,
Дилам пур аз фараҳ шавад,
Ва кулбаи хароби ман пур аз шунаҳ[2] шавад.
Илоҳӣ, боз бишнавам
Садои хушнавои ту.
Ҳамин бувад баҳои ту –
Гулу баҳорпарварӣ,
Ба модарам баробарӣ.

---

[2] Дар зодгоҳи муаллиф шӯълаи моҳу офтобро, ки ба хона медарояд, шунаҳ гӯянд

## ПАЁМ БА СЕ ФАСЛИ ЗИНДАГӢ

*Ба Баҳори хушгилам*

Ало фасли хазонафшон, Баҳори ман дигар бо ман,
Зимистони хунукпаймон, Баҳори ман дигар бо ман
Тамоми фаслу боби зиндагиро сӯхтам ин субҳ,
Тамузи гарми тобистон, Баҳори ман дигар бо ман.

## РӮҲИ ОФТОБӢ

**М**одари ман ҳамтабори офтоб,
Равшанӣ аз ӯст дар оини мо.
Ҳар саҳар бо панҷаи меҳрофарин
Метаконад бистару болини мо.

Ранги шаб гӯё ба рӯи бистар аст,
Меравонад ранги шабҳои сиёҳ.
Химча дар каф зери нури офтоб
Метаконад чанги шабҳои сиёҳ.

Ӯ ба рағми сардииояндаҳо
Хонаҳоро офтобӣ мекунад.
То ки бошем аз табори офтоб,
Рӯҳи моро офтобӣ мекунад.

## МОДАРИ ТАНҲО

Ба зудӣ хонаҳо бунёд карда,
Туро дар кулба танҳо монд фарзанд.
Ту гуфтӣ: кӯдаконатро бубинам,
Туро бар хона меҳмон хонд фарзанд.

Дилат бемеҳр тангу торик омад,
Чароғатро фурӯзон кард фарзанд.
Тамоми устухонат дард мекард,
Ба ту курсии нарм овард фарзанд.

Ту вақте лаб ба ҳарфе мекушудӣ,
«Ба ман занги телефон», гуфт фарзанд.
Ва аз нав уқдаи дил мекушудӣ,
Ба дигар ҳуҷра рафту хуфт фарзанд.

Ба пирӣ муттако азбас дилат хост,
Ба дасти ту асо овард фарзанд.

Замоне гармии дил хостӣ, лек
Ба ту печи хито овард фарзанд.

Дилат гум зад ба ҳарфи ширадоре,
Вале ширу шакар овард фарзанд.
Зи дарди сар ту шояд ранҷ бурдӣ,
Ба ту рӯмоли сар овард фарзанд.

Ва шояд пои ту месӯхт шабҳо,
Ба поят кафши нав овард фарзанд.
Ту танҳо бо дилат мегуфтӣ ӯро:
«Ба оғӯшам биё, баргард, фарзанд».

Миёни шӯру ғавғоҳои тифлон,
Ба зудӣ ашки ғамро пок кардӣ.
Ту гӯӣ, қисматат ин буда доим,
Дили бечораатро чок кардӣ.

...Саҳар анбонаат бар каф гирифта,
Ба сӯи кулбаат оҳиста рафтӣ.
Ба мӯре ҳам надода ранҷу озор,
Ба даргоҳи Худо шоиста рафтӣ.

## ТОҶИ ТОҶИК

Дар миёни сангҳо оинадорам то абад,
Покдил чун чашмаҳоям, обёрам то абад.

Номи ман аз бостон дар Бесутун ҳак гаштааст,
Кӯҳосо бесутуну устуворам то абад.

Кори ман танҳо набуд шаҳрофаринӣ, шоирӣ,
Рустаме дар ҳарбу зарби корзорам то абад.

Баски садҳо бор рафтам зери дор аз нангу ном,
Саркашу сарзиндадору Сарбадорам то абад.

Аз сари садҳо чу ман деворҳо афрохтанд,
Мешвам эҳё, фанонососзгорам то абад.

То, ки дунё бишнавад акси садоямро зи кӯҳ,
Кӯҳҳоро ҳамсадою посдорам то абад.

Тоҷи ман Хуршед мебошад, ки вақти бомдод
Бингарӣ бар қуллаҳои кӯҳсорам то абад.

## МЕШАВАД АЗ ХОК ҲАМ ХУРШЕД ЁФТ!

*Ба Саразми бостонӣ мебахшам*

**М**етвон аз набзи як хум
Мастии садасраи ангурро ҳис кард,
Лаҳзае ором аз ҳар як дару девори захмине
Аллаҳои модарону нолаи танбӯрро ҳис кард.
Метавон як лаҳза кандуи асалро гӯш дод,
То садои хуни гул андар раги занбӯрро ҳис кард.
Мешавад гаҳ субҳи боварро зи пушти чодари тардид ёфт,
Ногаҳон аз синаи шабҳои таърих озари уммед ёфт.

Ин катиба дар сари санги мазори Зардуҳишт аст:
Мешавад аз Хок ҳам Хуршед ёфт!

## РӮДАКӢ

**Р**ӯдакӣ! Хунёгари мумтози оҳанги забон,
Менавозӣ боз сад асри дигар чанги забон.

Метаровад бӯи гул аз ҳарфҳои чидаат,
Номи ту сарлавҳаи зебои фарҳанги забон.

Рангу бӯи вожаҳоятро ба ҳам анбошта,
Мекашад Монии даврон тарҳи Аржанги забон.

Ҳар  қадар оинаи чашму дилат бишкастаанд,
Мезудой бо паёми исавӣ занги забон.

Баъди аъробӣ хуросонӣ забон гум карда буд,
Ёфтӣ роҳи нав аз пайроҳаи танги забон.

Турктозӣ бурд даҳ девони Сомонӣ ба бод,
Монд дар девони ту маҳфуз авранги забон.

«Бӯи Ҷӯи Мӯлиён»-и ту суруди миллат аст,
Марҳабо, хунёгари мумтози оҳанги забон.

## СУРУДИ ФИРДАВСӢ

**В**атан гӯям, забонам оташин аст,
Ҳама шеъри равонам оташин аст.
Агар як лаҳзае Меҳан нагӯям,
Худои меҳрубонам оташин аст.
На танҳо хоби ман, бедории ман,
Намози ҳар замонам оташин аст.
На танҳо шодии ман, хандаи ман,
Ҳама дарду ғамонам оташин аст.
Сари майдони разму базми шоҳӣ,

Саропои ялонам оташин аст.
Шунав фарёди Рустамро зи Албурз:
Пайи Рахши дамонам оташин аст.
Зи зарби гурзи ман резад ситора,
Сари гурзи гаронам оташин аст.
Садои Ораш ояд аз Дамованд:
Ба каф тиру камонам оташин аст.
Сиёвушам, намесӯзам ба оташ,
Тани хокиву ҷонам оташин аст.
Яли рӯинтанам, Исфандиёрам,
Рагу пай, устухонам оташин аст.
Ман он Суҳробам аз тухми Таҳамтан,
Ки хуни арғувонам оташин аст.
Дирафши дасти Кова – дафтари ман,
Дирафши ковиёнам оташин аст.
Ман он Фирдавсии рӯшанравонам,
Намирам ман, равонам оташин аст.

## МАРДИ МАРДОНИ ХУРОСОН

*Баъд аз зиёрати мақбараи Шоҳ Исмоили Сомонӣ*

Дар Бухоро Шоҳ Сомон хуфтааст,
Марди мардони Хуросон хуфтааст.

Як ҳазору анд сол аст, ӯ ҳанӯз,
Миллати моро нигаҳбон хуфтааст.

Тоҷикистон сар шавад аз хоки ӯ,

Қаҳрамони Тоҷикистон хуфтааст.

Дар раги шеъру сухан номаш баҷост,
Фарри тоҷикро саробон хуфтааст.

Бӯи ҷӯи Мӯлиён андар димоғ,
Бо умеди навбаҳорон хуфтааст.

Чашми душманро фиребе то диҳад,
Шерпанҷа дар найистон хуфтааст.

Хуфтани ӯ беҳ зи бедории мост,
Бо ғами халқи парешон хуфтааст.

Баски девори Бухоро буду ҳаст,
Бонии рӯҳи ниёгон хуфтааст.

## ДИРАФШИ КОВИЁН

Дирафши Ковиён ба сар бад-ин нишона омадам,
Хуҷаста рӯҳи ковиён, ба шодиёна омадам.

Барои Кова баъд аз ин манам писар, манам писар,
Дигар барои ҳар писар манам сипар, манам сипар.

Ба ҳадди кӯҳи Меҳанам баланд кардаам дирафш,
Ба захмчашми душманон сипанд кардаам дирафш.

Надида хуни гарми ман зи ранги сурхи ӯ магӯ,
Ба бӯи хӯи нарми ман наё ба шер рӯ ба рӯ.

Ба ҷони тору тираат сапедаро сияҳ макун,
Агарки пастфитратӣ, ба тоҷи ман нигаҳ макун.

Дурахши ҳар ситорааш дурахши чашмҳои ман,
Ситези ӯ ба бодҳо - ситезу хашмҳои ман.

Баҳор медамам зи нав ба ҷони хушки хору хас,
Ту аз қадим мебарӣ ба сабзҷониам ҳавас.

Дирафши сарфарози ман паёму номи Меҳан аст,
Нишони сарбаландиям ба рӯи боми Меҳан аст.

Дирафши Ковиён ба сар бад-ин нишона меравам,
Ба мисли рӯҳи Ориён ба ҷовидона меравам.

## ШОИРИ РАССОМ

Бори ғамҳои куҳанро мекашам,
Дарду доғи Кӯҳканро мекашам.

Кӯҳу дарёву қиёми офтоб,
Ман шукӯҳи ин Ватанро мекашам.

Ранг ҷуста аз дили шаб бо чароғ
Ранҷи шабҳои суханро мекашам.

Ҳар куҷое хор дидам, дар варақ
Бо муҳаббат ёсуманро мекашам.

Роҳи дилро мекашам наздиктар,
Зери чоҳе чоҳканро мекашам.

Кӯдаконро бо кабӯтарҳои сулҳ –
Чеҳраи хандони занро мекашам.

Ҳарф гӯянд аз Ватан ҷамъияте,
Он фазои анҷуманро мекашам.

Бо ҳазорон рангҳои вожаҳо
Манзари Ҳуббулватанро мекашам.

## НӮШДОРУ

**Б**ас ранҷ дода моро таърихи каммурувват,
Ваҳдат наомад осон бар остони давлат.
Рустам чу шер ғуррид, Ораш зи нав хурӯшид,
Сар бохт андар ин раҳ сад қаҳрамони миллат.

Аз ваҳдату муҳаббат ному нишона омад,

Шаҳнома бо паёме аз ҷовидона омад!

Дар байни қавми тоҷик баҳси «ману ту» афтод,
Аҳриман аз пайи сад найрангу ҷоду афтод.
Ин бор Эзади пок Суҳробро накушта,
Бар дасти Рустами ял он Нӯшдору афтод.

Ваҳдат барои миллат чун нӯшдору омад,
Бо кимиёи ваҳдат дарду алам сар омад!

Тоҷик – миллате, ки дар кӯҳ хона дорад,
Дар қуллаи шукӯҳаш симурғ лона дорад.
Мо офтобзодем, озодагони родем,
Аз баргаи Авасто оташ забона дорад.

Тоҷик аз муҳаббат дил бекарона омад,
Дар дил паёми нуру дар лаб тарона омад.

## МИНБАРИ РӮШАНЗАМИРОН

*Ба моҳномаи «Садои Шарқ»*

**А**з хуни қаламҳои бузургон шуда эҳё,
Чун тифли аламҳои бузургон шуда эҳё.
Шодӣ бирасондӣ ба дили миллати тоҷик,
Бо ғуссаву ғамҳои бузургон шуда эҳё.

Ту навҳаи Айнии басе ранҷ  кашида,
Ту нолаи Лоҳутии аз банд раҳида.
Вопаснафаси Пайрави аз пой фитода,
Фарёди дили Юсуфии[3] тиррасида.

Дар поварақат гӯй пайи хомаи Мирзост,
Чун «Субҳи ҷавонии» Улуғзода ҳувайдост.
Рози ту сурӯши дили саршори Қаноат,
Ҳар ҳарфи ту фарёдраси Лоиқи шайдост.

Дар ларзаи ҳар сафҳаи ту «Сози Мунаввар»,
Кардаст Убайди Раҷабат суфта саросар.
Таҳрир шудӣ ту ба «Қаламҳойи куҳистон»[4],
Аз нури маонӣ шуда бо шамс баробар…

Ту қалъаи номус, заифон надароянд,
Ганҷинаи сармад, ки зи миллат нарабоянд.
Чун  нусхаи Хуршед ту аз Шарқ барой,
Дар минбари ту бо дили тира набароянд.

## ДУШАНБЕ

Душанбе – пойтахтам, шаҳри гулҳост,
Душанбе шаҳри духтарҳои зебост.
Басо дилномаҳо ин ҷо навиштанд,
Душанбе шаҳри дилҳои мубаррост.

[3] Шоири бузург Ҳабиб Юсуфӣ, ки дар ҷанги зидди фашистон ҷон бохт
[4] Номи китоби шодравон Ҷонибеки Акобир

Сари ҳар кӯчааш дилпора бинам,
Ҳазорон ошиқи овора бинам.
Ба чашми духтарон аз ишқи сӯзон
Фурӯзонахтаре ҳамвора бинам.

Дар ин ҷо ҳар касе дилдода бошад,
Дилу ҷонаш ба каф истода бошад.
Касе, ки дар рагаш хуни ҷавонист,
Ба кӯи дилбаре афтода бошад.

Душанбе – даргаҳи сулҳу амонӣ,
Бухоронусха, аслу ормонӣ.
Беҳин унвони ин шаҳри муҳаббат –
Ҷавониву ҷавониву ҷавонӣ.

Мунаввар рӯзу шабҳои Душанбе,
Муаттар боғи гулҳои Душанбе.
Равӣ гар Маскаву Порису Ландан,
Намеёбӣ ту ҳамтои Душанбе.

Зи боғу роғаш ояд накҳати ишқ,
Ҷавону пири ӯ аз миллати ишқ.
Дар ин ҷо молу сарват ҳам наёбӣ,
Ту меёбӣ мусаллам давлати ишқ.

## БАРНОМАИ ҶОВИДОНА

**Б**арои шеър осон нест дарди шоире бурдан,
Барои насли фардо вожаҳои нодире бурдан.

Ва аз ин аср то он аср бори хотире бурдан.
Ҳазорон бор мурдан, зинда гаштан, аз дигар мурдан,
Барои шеър осон нест ҳарфи Рӯдакиро бо худ овардан,
Ҳазорон лафзу маъниро ба мисли хӯшаи ангур бифшурдан,
Даруни хеш ҷо кардан.
Ба дӯши вожа вазнин аст бори маънии Бедил,
Барои байт вазнин аст бори маънии Соиб,
Чу табъи Ҳофизи Шероз осон нест огаҳ будан аз ғоиб…
Барои мо ҳам осон нест шеъри ҷовидон гуфтан,
Парешонҳарфҳоро сулҳ бояд дод,
Ба мисли ҳарфҳо сад бор аз худ вожа бояд зод.
Ҳазорон вожаи беморро бояд табобат кард;
Ба мисли вожа дар занҷир бояд буд,
Сари ҳар вожа ботадбир бояд буд,
Ҳазорон бор аз худ норизову толиби таҳрир бояд буд,
Зи такрори сухан парҳез бояд кард!
Ба ҷисми вожа бояд ҷони нав дамонд!
Даруни мисрае ҷону ҷаҳони хеш бояд монд.
Ва акнун мисраи танҳои худро ҷуфт бояд кард,
Яъне, шеър бояд зод!
Даруни шеър бояд рӯҳро ҷо кард,
Дили маҷрӯҳро ҷо кард;
Даруни шеър рӯҳи боду борону замину осмону ҷангали анбӯҳро ҷо кард,
Ғами шодиву шодии ғаму андӯҳро ҷо кард…
Ба шоир нест осон шеърҳои ҷовидон гуфтан,
Ба шоир нест осон вожаро чун гавҳаре суфтан,
Дили шабро ба пайки субҳи минои задан оташ,
Барои шеър хӯрдан хуни дилро боз бебаркаш
Каси ғофил зи худ дар гӯр ҳам бедард хоҳад хуфт,
Ба шоир нест осон андаруни гӯр ҳам хуфтан.

## ҒАЗЗ

Диёри бостони ман,
Нахустин остони ман,
Бихоҳам номи ту монад
Ба шеъру достони ман.

Куҳанбунёд Ғаззи[5] ман,
Куҳанэҷод Ғаззи ман.
Гирифта номи некатро
Занам фарёд, Ғаззи ман.

Ба рӯи коғази таърих
Хате бо оби зар ҳастӣ,
Аз оташдони зардуштӣ
Ҳамоно як шарар ҳастӣ.

Даруни синаи халқат
Дили испитамонӣ ҳаст.
Ҳавоятро нафас гирам,
Шавад хуни рагам дар шаст.

Зану марду ҷавону пир,
Ба Искандар муқобил шуд.[6]
Барои ҳифзи нангу ном,
Ҳама якҷону якдил шуд.

Дар он «Анбор»-у[7] «Анбарғаз»[8]
Ҳазорон қисса бинҳуфта,
Ҳазорон қиссаи таърих –
Ҳазорон дарди ногуфта…

Бари «Ҷарри ғуломкуш»-та
Азизоне басо мурда
Ба шодобии ту хуну

[5] Номи бостонии деҳшаҳри Ғазз (имрӯза Ғазантарак дар мавзеи Ғончӣ (Деваштич), ки ба пажӯҳиши бостоншиносӣ ниёз дорад.
[6] Таърихнависи Юнони бостон Аррион, ки рафти ҷангҳои Искандари Мақдуниро китобат кардааст, дар қатори ҳафт шаҳри Устурушан шаҳри Ғаззро низ ном мебарад ва шарқшиноси бузург В. В. Бартолд ҳудуди ҷуғрофии онро Ғазантараки имрӯза медонад.
[7] Номи мавзеи таърихии деҳа, ки дар баландӣ ҷойгир шудааст.
[8] Деҳаи дигар дар ҳамин мавзеъ, ки чанде пеш мутаассифона, номашро иваз карданд. Ва бино ба ривояти мардуми маҳаллӣ, ин ҷо анбор (анбори Ғазз) будааст барои нигаҳ доштани гандуму дигар чизҳо ба хотири дифоъ аз душман ва рӯзи мабодо. Пайдоиши номвожаи Анбарғаз аз ин ҷост.

Ба дилҳо ормон бурда…
Нафири марду зан дорад
Гиёҳу барги хомӯшат,
Намояд қиссаи аъроб,
Ҳамон «Бибикабудпӯш»-ат.[9]

Агар ёри Худо бошӣ,
Намегӯянд фарзона.
Аҷаб не, марди оқил буд
Даруни «Ғори девона».[10]

Гили «Тӯдахароб»-и[11] ту,
Пур аз ҷому пур аз кӯза-ст.
Тани ҳар кӯза гул дорад -
Намоду рамзи Наврӯз аст.

Намоду рамзи Афредун,
Нишони аҳди ҷамшедӣ.
Тани ҳар кӯзае дорад,
Намоду акси хуршеде…

Сукути ту садо дорад,
Садои асрҳои пеш.
Шамоли ту наво дорад,
Навои синаҳои реш.

Зи таърих обу гил дорӣ,
Бирезам аз сари тифлам.[12]
Бирезам аз сараш, арзад,
Варо ҳамчун зари тифлам.

Ҷаҳон торик шавад бар ман,
Чароғи ёдат ар куштам.
Фаромӯшам намегардӣ,
Ба мисли панди Зардуштам.

---

[9] Хонақоҳи таърихии мазори деҳа, ки ҷои дафни арабзане аст.
[10] Ғоре бо ҳамин ном то ҳанӯз боқист.
[11] Номи мавзеи таърихӣ, ки аз ин ҷо кӯзаҳое бо тасвири Хуршед ёфтаанд.
[12] Дар Ғазантарак ҳанӯз ҳам вуҷуди тифли навзодро бо гили пок мешӯянд.

## ДАРАХТИ ХОКИ ШОИР

*Дар сӯгвории устод Мӯъмин Қаноат*

Ҳар он шоир, ки пайдо дар Аҷам шуд,
Сарои чашми ӯ аз гиря нам шуд.

Агарчи шаҳди шеърашро чашидем,
Шаробу шираш аз дарду алам шуд.

Аз он ғам мерасад мову туро кам,
Ки ӯ ғамхора буду ғусса кам шуд.

Нашуд ҷо Пири Тӯсӣ дар мазоре,
Ба манзил хок гашту муҳтарам шуд.

Ба таърихи Аҷам то сакта н-афтад,
Ҳазорон сактаи дил дам ба дам шуд.

Зи баъди марг ҳам ором нагрифт,
Дарахти хоки шоир ҳам қалам шуд.

## ШИКОРИ ОФТОБ

Аз шикори офтоб омад дилам,
Аз канори моҳтоб омад дилам.
Дар қадамҳояш ситора мешикаст,
Партавафшон чун шиҳоб омад дилам.

Покии сад чашмаву дарё гирифт,
Дар дили оинае маъво гирифт.
Бо камоле, ки намегунҷад ба хун,
Аз дили шаффофи об омад дилам.

Суръати нураш буд, азбас мешитофт,
Бо нафас кӯҳи муаммо мешикофт.
Рози зебои Худоро мешинохт,
Худ саволи беҷавоб омад дилам.

Гаҳ замин ҷунбид, ӯ аз по нарафт,
Гаҳ фалак ларзид, ӯ аз ҷо нарафт.
Лек аз бӯи гуле афтод маст,
Ин қадар пурпечутоб омад дилам?!

Ман намедонам, ки ин дил аз кӣ буд,
Ё чаро дар синаам омад фуруд?
Ҳар чи бодо бод, мегӯям дуруд!
Бесадо, беинтихоб омад дилам…

Аз шикори офтоб омад дилам,
Аз канори моҳтоб омад дилам.
Дар қадамҳояш ситора мешикаст,
Партавафшон чун шиҳоб омад дилам.

## ОҲ, БОРОН, БОРОН…

**О**зодагии чаман зи туст, эй борон,
Холи лаби настаран зи туст, эй борон.

Дар чил-чили ту накҳати атри чинист,
Нозидани ёсуман зи туст, эй борон.

Бар қомати бепираҳани долу дарахт
Гулдӯзию пираҳан зи туст, эй борон.

Аз замзамаат ишқ ҳувайдо мешуд,
Бесабрии марду зан зи туст, эй борон.

Аз нав ба сараш хаёли Лайлӣ рафтаст,
Маҷнунии беди ман зи туст, эй борон.

То ту набудӣ, об наомад бар ҷӯй,
Хуни дили Кӯҳкан зи туст, эй борон.

Наҷвои ту бар хотираҳоям ҷон дод,
Ларзидани ҷону тан зи туст, эй борон.

Эй кош, ки чун ту гиря мекардам ман,
Сад гиряи бесухан зи туст, эй борон.

Ошиқтару шоиртарӣ аз ман, бешак,
Девони ғами куҳан зи туст, эй борон.

## **ИШҚ**

Аз азал то ба адам ишқ будаст,
Аз Араб то ба Аҷам ишқ будаст.

Ҳикмату фалсафаро гуфтам илм,
Ҳикмату фалсафа ҳам ишқ будаст.

Ту магӯ, мазҳаби Хайём чӣ буд?
Мазҳаби аҳли қалам ишқ будаст.

Кас наёрист, шуморад ахтар,
Орӣ аз қайду рақам ишқ будаст.

Орифе дафтари ирфонро шуст:
Оташу дайру ҳарам ишқ будаст.

Аввалин ҳарфи Худо ишқ будаст,
Охирин ҳукми ҳакам ишқ будаст.

## ХАЗИНАИ САДО

Садои ту пайи алам зи қалби реш мебарад,
Чу нӯшдору мерасад, зиёни неш мебарад.
Ту боварам намекунӣ, садо ба пеш мебарад,
Хаёли бесадоият маро зи хеш мебарад.

Камоли ошноият хумори ҷовидона шуд,
Ҷамоли кибриёият баҳори пурҷавона шуд.
Садои ту ба дафтарам тарона шуд, фасона шуд,
Заволи хушсадоият маро зи хеш мебарад.

Зи лаҳни ту яхи дилам ҳамора об мешавад,
Зи шаҳди вожа чиданат дилам китоб мешавад.
Тамоми шӯру талхҳо ба ман гулоб мешавад,
Адои хушсадоият маро зи хеш мебарад.

Ду чашми туст як бало, садои туст сад бало,
Лабони туст як бало, нидои туст сад бало,
Чунин бало намедиҳам ба хирмани зару тило,
Хазинаи садои ту маро зи хеш мебарад.

Нафосати садои ту маро суроғ мекунад,
Харобаҳои рӯҳро шукуфтабоғ мекунад,
Латофати садои ту маро чӣ доғ мекунад.
Назокати садои ту маро зи хеш мебарад.

## МАРҲАБО, РӮШАНӢ

Барои гармистиқболи рӯзи тозаю беғаш,
Тамоми мурғу моҳию гиёҳу барг шеъри нур мехонад
Ба рӯи хок қолинсубҳи зеборо
Худо бо риштаҳои нур медӯзад.
Ду чашми кӯри шабпар боз месӯзад;
Ва субҳи зардуҳуштӣ шеърҳои оташӣ такрор мехонад.
Ба гӯши ғунчаҳои хобоганда
Суруди лабкушоӣ бод бо чилтор мехонад.
Зи нав хуршед бо дастони тиллоӣ,
Зи шоли майсазорон нуқра мечинад;
Замин гӯё, ки ҷони тоза мeёбад.
Ба боли сӯзанакҳо рӯшанӣ садранг метобад,
Шағоли гушна аз ғораш ба сӯи нур меғуррад;
Ва саҳро лолаҳоро мекунад қурбон,
Ва теғи рӯшноӣ дар гулӯи ҷуғз мерахшад…

## ОРЗУ

Пандро таъсир мехоҳам ба худ,
Фандро тадбир мехоҳам ба худ.

Хуни гарму чашми тези навҷавон,
Фикру зикри пир мехоҳам ба худ.

То расам бар гарди пои оқилон,
Суръате чун тир мехоҳам ба худ.

Моҳии тилло наёмад шасти ман,
Сабри моҳигир мехоҳам ба худ.

Гушначашмон дида бас хору залил,
Боз чашми сер мехоҳам ба худ.

Зуд рафт он бахт, ки зуд омадаст,
Бахтро ман дер мехоҳам ба худ.

Дил нашуд гарм аз дами гармам, агар
Як дами шамшер мехоҳам ба худ.

Халқ гӯяд: орзуро айб нест,
Шеъри оламгир мехоҳам ба худ.

## ҶАВОНӢ

Ҷавонӣ номаи сабзи саҳар дорад,
Саломи ишқу пайғоми ҳунар дорад.
Ба дилбандӣ рубоиҳои Хайём аст,
Чу рӯҳи пайки Мавлоно асар дорад,
Ҷавонӣ ҳам асар дорад…

Ҷавонӣ шаҳди нотакрори озодист,
Ҷавонӣ лаззати ширини фарҳодист.
Нигоҳи нав ба гулҳои хиёбон аст,
Давоми санъати зебои беҳзодист.
Ҷавонӣ ҳам назар дорад…

Ҷавонӣ ҷуръати саршори оғоз аст,
Бидуни болу пар оғози парвоз аст.
Баҳори зиндагиро лаҳзаи ноз аст;
Қатори турнаро ин созу овоз аст:
Ҷавонӣ ҳам гузар дорад…

## ЁДГОР

Баъд аз ин ман бехуду девонаам,
Хуфтаам дар кунҷи хона бекалом.
Чашм мепӯшам, ки бинам рӯи ту,
Чашм мепӯшам, ки ой бо салом.

Ман намерӯбам аз ин пас хонаро,
То бимонад нақши поят ёдгор.
Нақши поят гум шавад, гум мекунад
Манзили сарди маро фасли баҳор.

Ман намешӯям матои болишам,
Бистарамро ҳам нағундорам дигар.
Гармии ту рафт аз болини ман,
Болишам санге шавад дар зери сар.

Бознакшоям дари ин хонаро,
Чун дар он нақши ҳинои дасти туст.
Бе ҳинокориву гулкории ту,
Сабзае дар ҳотаву ҳавлӣ наруст.

Нарм-нарм ангушти ёди ишқи ту
Дар дили ман дарзанӣ дорад ҳанӯз,
Атри ту андар фазои хонаам
Чун кабӯтар парзанӣ дорад ҳанӯз.

Ман намедонам ба саҳни хонаам,
Мевазад оё насими навбаҳор?
Як замоне хонаи холӣ зи ишқ

Ё мазорам мешавад ё ёдгор…

## ТАВАЛЛУДИ ПАРВОЗ

Гунҷишк
Пеш аз он ки ба пар кушудан оғоз кунад,
Фикри парвоз кунад,
Чунки дар батни тафаккур аст асли парвоз –
Эъҷоз!

***

Чун субҳ биё, аз дили оина гузар кун,
Як мушт дил оварда, зи сад кина гузар кун.

Ман куҳнакаҳи ҷурму хато бод надодам,
Аз поизи пургарди парерина гузар кун.

Шуд сина таҷаллигаҳи меҳру маҳи рӯят,
Хишти дили худ чидам, аз ин зина гузар кун.

Имкони дигар бахш, диле пора кунам боз,
Вайронаи мо гашт чу ганҷина, гузар кун.

Бо ишқ расӣ, ё ба ғаму дарди фаровон,
Бо ҳар ҳунаре ҳаст, ҳароина гузар кун.

## ШАБЕҲ

Рӯи коғазпора хатҳои сияҳ,
Гиряҳое дар шаби мӯи ту буд.

Сафҳабарги оҳарии дафтарам
Барги нобӯсидаи рӯи ту буд.

Дар шамими маънии шаҳбайти ман
Накҳати мушкини гесӯи ту буд.

Сархати links мармуз дар пешониам
Номае аз кафтари кӯи ту буд.

## БАҲОРИ ПУШТИ ТИРЕЗАҲО

Дар пушти тирезаҳо баҳор аст ҳанӯз,
Дар оинаи чашм нигор аст ҳанӯз.

Як акси гуле ба мехаки деворам
Пажмурдаву муштоқи ҳазор аст ҳанӯз.

Бозӣ бикунам ба тифлакони кӯча,
Ин бозии зиндагӣ қимор аст ҳанӯз.

Ҳар лаҳза чу сайдест барои соат,
Бо тирчаҳо паи шикор аст ҳанӯз.

Раҳпоӣ агарчи бадтар аз марг бувад,
Модар сари роҳ интизор аст ҳанӯз.

Борон, ки тирезаи дилам мекӯбад,
Ангушти сапеду нарми ёр аст ҳанӯз.

Бедонаи ҳамсоя қафасро бишкаст:
Дар пушти тирезаҳо баҳор аст ҳанӯз.

## АГАР ЗАН ДӮСТ ДОРАД…

Агар зан дӯст дорад, дар раги ӯ хун намегунҷад,
Дили лабрези эҳсосаш ба сад ҳомун намегунҷад.

Агарчи ошиқонаш даъвии Маҷнун шудан доранд,
Ҷунуни зан вале дар пайкари Маҷнун намегунҷад.

Наёбӣ раҳ ба қалби зан, ба як ҷав ҳам намегирад,
Ба ҷуз меҳри ту дар ҷонаш зари Қорун намегунҷад.

Ба ҳар ҷое зан ояд, ишқ он ҷо дер мепояд,
Дар оғӯши ҳавасҳояш дили маҳзун намегунҷад.

Ҳама шеъру ғазал аз ӯ, ҳама рози азал аз ӯ,
Вале зан худ ба як қолаб, ба як қонун намегунҷад.

## ЗАНУ ШЕЪРУ ШАРОБ

Зану шеъру шароб аз як таборанд,
Табу тобу сароб аз як таборанд.

Ба зан майлу ҳавас доим ҷавон аст,
Зану фасли шубоб аз як таборанд.

Баҳор аз маънӣ холӣ буд бе зан,
Зану боғу гулоб аз як таборанд.

Ба зери пои ӯ ҷаннат ниҳоданд,
Зану меҳру савоб аз як таборанд.

Гиреҳи қалби ӯ бикшо ба тадбир,
Зану илми ҳисоб аз як таборанд.

Ҳамеша нокушуда, пурмуаммо,
Зану розу китоб аз як таборанд.

Бидуни зан на май буду на шоир,
Зану шеъру шароб аз як таборанд.

## ХУДО ҲАЙРОН АСТ

Агар аз дур бубинам рӯят,
Рӯи дунё чӣ қадар зебо аст.
Лаб кушоиву саломе гӯӣ,
Лаби дарё чӣ қадар гӯё аст.

Вақте арғушт равӣ бо мастӣ,
Мардуми майкадаҳо ҳушёранд.
Ҳар гаҳе барқ фишонад чашмат,
Зумрае сарддилон таб оранд.

Ҳар гаҳе сарв қадатро бинад,
Дигар аз қомати худ нанг кунад.
Баҳри он чашм на ман бо ағёр,
Мижа бо абруи каҷ ҷанг кунад.

Ман туро ҳамдили худ медонам,
Бо ҳамон файзу фари шоҳона.
Ҳар шабе нек гар андеша кунам,
Ту бароям шудаӣ афсона.

Ин қадар ҳусн ато бигрифтӣ,
Магар аз Ишқ туро эҳсон аст?
На фақат ҳайрати ман афзудаст,

Ҳар замон дида Худо ҳайрон аст…

## БУНБАСТИ ИШҚ

Дӯстон, аз зиндагӣ як дам намонд,
Дар сарам ташвиши бешу кам намонд.

Ончунон бигристам дар сӯги дил,
Дар ду чашмам ашки хунӣ ҳам намонд.

Базми мастӣ бурд сӯи пастиям,
Дар барам ҳамсоғару ҳамдам намонд.

Боғ меларзад зи овози калоғ,
Ғунчаҳои розро марҳам намонд.

Доғ мерезад зи килки сарнавишт,
Васлро мехостам, мотам намонд.

Ин магар бунбасти даври ишқ буд?
Ғам хурам мегӯям, аммо ғам намонд.

## САНГИ ҶАБР

Лаҳзаҳои бе ту ҷорӣ мешаванд,
Шуста аз дил қиссаи масъудро.
Барг-барги бовари ман зард шуд,
Пайкарам пай мебарад падрудро.

Рӯи дасти хаставу ларзони ман
Номаи ишқи ту ботил мешавад.
Ман ба номат зиндагӣ сар мекунам,
Гарчи ҳиҷрони ту қотил мешавад.

Бо умеди диданат бори дигар
Дидаи уммед нобино бишуд.
Аз шикасти шишаи эҳсоси ман
Санги ҷабри ту магар тилло бишуд?

Рӯзҳои бо ту хуш бигзаштаро
Кай чу тақвиме зи ёди худ барам.
Лаҳзаҳои бо ту буданро биёр,
Бо булӯри ашкҳоям мехарам.

Ман ба рағми бевафоиҳои ту

Ишқ мекорам ба марзи синаам.
Акси бо ту будаамро сӯхтам,
Рӯи ту мечӯям аз оинаам.

## ОЗМУДАМ ҚУДРАТИ ИШҚИ ТУРО!

**П**арчами Хуршедро афрошта,
Дар замин историаҳоро кошта,
Абрҳоро зери по бигзошта,
Озмудам қудрати ишқи туро!

Кӯҳҳоро бар сарам бардошта,
Домани боди саҳарро дошта,
Сад хаёли хом дар сар дошта,
Озмудам қудрати ишқи туро!

Тирамаҳро бо баҳор анбошта,
Ҳосили дарду алам ғундошта,
Саҳл коре ишқро пиндошта,
Озмудам қудрати ишқи туро!

## ҶУЗВДОН

Зане дар назди оина нишаста,
Рухи пажмурдаашро ранг мекард.
Ба «сеҳри» шонаву атру упояш,
Гурез аз пирию ожанг мекард.

Лаби хомӯши ӯ аз дард мегуфт,
Ду чашмаш пур буд аз яъси ниҳонӣ,
Ба ҷуз оинаву мушки хитоӣ
Набуд дар ҷузвдони ӯ ҷавонӣ.

## ДАР ҶАВОНӢ

Дар ҷавонӣ об ширин, хоб ҳам,
Беқарориҳову печутоб ҳам.

Дар ҷавонӣ содагӣ набвад, агар
Гӯӣ хоби хешро бар об ҳам.

Хонаат хуршед мерӯбад саҳар,
Ҳар шабе ҳамболишат маҳтоб ҳам.

Дар ҷавонӣ зуд пайдо мешаванд
Соқию айшу шароби ноб ҳам.

Дар ҷавонӣ майл сӯят мекунад
Дилбарони хушқади Варзоб ҳам.

Пурғуруру сарбаландӣ, ошиқӣ,
Нестӣ дар қолаби одоб ҳам.

Аз лабам фаввора зад шеъру суруд,
Дар ҷавонӣ табъ дигар, тоб ҳам.

## ДУРОҲА

Чаро як бӯсаро арзон гирифтам,
Ҳазорон ғуссаро бо ҷон гирифтам?

Зи сад гул як гулам нашкуфта ҳоло,
Раҳи боғи хазонафшон гирифтам.

Сарозер омадам аз боми Хуршед,
Калиди хонаи вайрон гирифтам.

Барои рӯи моҳаш хурда ҳасрат,
Зи дасти рӯзгорон нон гирифтам.

Чаро лабташна аз дарё гузаштам?
Лаби шаҳкосаро осон гирифтам.

Нарафта то ба саҳрои ҷунунаш,
Хаёли қиссаву дастон гирифтам.

Маро «Ошиқ», агар унвон надоданд,
Пушаймонам, ки сад унвон гирифтам!

## ЛОЛАҲО

Лолаҳоро ҳамчу шамъи сурхи дашт,
Рӯзи мелоди баҳор афрӯхтанд.
То даме боди ғурубе пуф накард,
Шамъҳо зебову рӯшан сӯхтанд.

***

Аз боди хазони худ ҳаросон – лола,
Чоки дили мардуми пурармон – лола,
Ангушти ҳинобанди арӯсон – лола.[13]
Шеъри тари шоири Хуросон – лола

***

Лолаҳо болои боми модарам,
Парфишон чун рӯймоли хоҳарам.

---

[13] Устод Рӯдакӣ гуфта: Лола миёни кишт бихандад ҳаме зи дур,
Чун панҷаи арӯсе ба ҳино шуда хазиб.

***
Лолаҳо – рӯсурхии хоки Ватан,
Лолаҳо, эй ёдгори рафтагон.
Лолаҳо – дилҳои сурхи хуфтагон,
Лолаҳо – чашминтизори рафтагон.

***
Зи баъди ман, дили ман лола бодо,
Баҳоронро ду-се дам вола бодо.
Илоҳо, пештар аз резиши барг,
Ба дасти ёри ҳабдаҳсола бодо.

***
Гилеми сурхи саҳро, лола, лола,
Бигӯ, бофандаи ту дар куҷо аст?
Чӣ меҳмоне қадам монад ба рӯят,
Магар меҳмони ту танҳо сабо аст?
***
Барорӣ сар зи хок, эй лола, акнун,
Кунӣ сад пуштаро саршор аз хун.
Намоди ишқу ошиқ гаштӣ, азбас,
Ба саҳро медамӣ аз хуни Маҷнун.
***

## НАМОЗИ НОЗАНИН

Канорамро тиҳӣ дидам саҳаргаҳ,
Нигорам рафта буд аз бистари ман.
Гузашта ҳуҷраи дигар паривор,
Ба кунҷе менишаст аз моҳ рӯшан.

Ду чашми нозанинашро бубаста,
Ту гӯӣ мешуд ӯ хуршедпайванд.
Ҷабинаш суда аз нав саҷда мекард,
Лабаш бишкуфта аз зикри Худованд.

Диламро муҳрагардон кард чанде,
Тамоми кулбаро бо нур анбошт.

Ҷабини босуҷудаш бӯса кардам,
Саломе гуфтаву саҷҷода ғундошт.

## ИШҚИ ТИРАМОҲӢ

Тирамаҳ буд, ба дил ишқи ту меварзидам,
Бо ҳама нуқсу камӣ пеши ту меарзидам.
Дасти ту дар кафи ман лутфи Худоро мемонд,
Аз раҳо гаштани дасти ту ба худ ларзидам.

Ман зи сад қофила вомонда туро ёфтаам,
Чашм аз ҳаҷри ту гирёнда туро ёфтаам.
Аз дабистон ҳама дипломи муҳаббат доранд,
Ман чӣ? Сад мадрасаро хонда туро ёфтаам.

Садаи оҳании ишққуши роёна[14]
Мекунад тез ба қатли ману ту дандона.

[14] Роёна - компютер

Лек чашмони ту, ки ҷазби муҳаббат доранд,
З-ин сабаб, боз кашад ҷони маро то хона.

Зиндагӣ дилбару шанг аст, чу ҳастӣ, эй ёр,
Рӯзу шаб ранг ба ранг аст, чу ҳастӣ, эй ёр.
Омадӣ, олиҳаи бахти мани саргашта
То абад бахт ба чанг аст, чу ҳастӣ, эй ёр.

Аз азал дар хати пешонии ман номи ту буд,
Ҷони гарданкашу гарданшахи ман роми ту буд.
Ман куҷо, шеър куҷо? Ҳофизу Хайём куҷо?
Ин ҳама табъу тараб ҳиммату инъоми ту буд.

***

Ҳоло, ки ҳастам дар барат, оғӯши худро боз кун,
Ҳоло, ки ҳастам ҳамсарат, чандин нафас дамсоз кун.

Оинаи чашмони ман нашкаста санги зиндагӣ,
Биншаста рӯ бар оина, пардозро оғоз кун.

Тори асабҳоям хароб аз нобасомонии даҳр,
Тори муҳаббатро бизан, шеъри маро овоз кун.

Ман нозбардори туям, шодоби озори туям,
Бо ҷон иҷозат додаам, ҷабру ҷафову ноз кун.

Рӯзе, ки ман шайдо шудам, дар хилвате танҳо шудам,

Дар фавҷи танҳоии ман дилро ба дил анбоз кун.

## НОМАИ ҶАБИН

Аз меҳрубонии ту парвоз карда рафтаст,
Афсонаи муҳаббат оғоз карда рафтаст.
Дар олами муракааб ту сода будӣ, азбас
Қалби туро ба ғамҳо анбоз карда рафтаст.

Имрӯзҳо дили ту бе ишқ мезанад суст,
Ҳар соати ҷудоӣ дар асл қотили туст.
Ин мардумони ғофил ҷуз ман намешиносанд,
Дар мазраи нигоҳат ин яъс аз куҷо руст?

Ларзидани дилатро боре шунид ё не?
Бар қадри нозҳоят чун ман расид ё не?
Ҳарчанд соҳиби ақл, ҳам аҳли дида будаст,
Асроргоҳи чашмат як лаҳза дид ё не?

Ту ишқи аввалинам, ман ишқи охиринат,
Ҷуз шеъри ман набошад ҳамрози вопасинат.
Аммо чӣ метавон гуфт бар ҳукми он ягона,
Гар номи ман набошад дар номаи ҷабинат.

Чун субҳ дар ҳаётат гар тоза медамидам,
То сарҳади висолат лабташна мерасидам.
Аз нав қафо кашида ин вақти масту саркаш,
Ларзидани дилатро, эй кош мешунидам.

## ҲАМОН ПАРАНДА…

Ту ҳамон паррандаӣ, ки дар само
Ногаҳон парвозро гум кардаӣ.
Солҳо беҳамзабону бесадо,
Ногаҳон овозро гум кардаӣ.

Хуни худ нашнохта аз беходӣ,
Хешро бо бошаву кафтар задӣ.
Гарму сарди осмон нашнохта,
Чашмро пӯшида гӯё пар задӣ.

Нестӣ огоҳ аз тиру шикор,
Ҳасрати марги муфоҷо хӯрдаӣ.
Дар фазо аз лаззати парвоз не,
Дар ҳавои пар кашидан мурдаӣ.

Пас дигар суде надорад болу пар,
Чун дили маҷрӯҳи ту озод нест.
Ҳайфи истеъдоди парвози баланд,
Баски боли рӯҳи ту озод нест.

Ту ҳамон паррандаӣ, ки дар само,
Ногаҳон парвозро гум кардаӣ.
Карда аз фарҷоми кор андешаҳо,
Оқибат оғозро гум кардаӣ.

***Ҳар марди шутурдор Увайси Қаранӣ нест…***

**Ш**оҳу дарвеш зи ташвиши ҷаҳон эмин нест,
Ҳар кӣ Фарҳод шавад, ранҷу ғамаш Ширин нест.

Ин ҳама беҳадафиҳои ту аз бедардист,
Гар дилеро алами ишқ бувад, мискин нест.

Ту аз ин мулк равӣ, то бишавӣ осуда
Сари бедарду бало дар Яману дар Чин нест.

Кас ба пироҳани зебо нашавад озода,
Мурғи марҷон ба пари рангаи худ шоҳин нест.

Муъмине рафт калисо, ту магӯ кофар шуд,
Ҳар кӣ масҷид надаромад, ба Худо, бедин нест.

Аҳли дил бо сухане кина зудоянд аз дил,
Ҳар касе теғ бигирад, сабаби таҳсин нест.

Ман чаро пайравии пири сухан кардам боз?
Чунки сад панду масал ҳасту туро тамкин нест.

***

Оқили бедардро бинам, дилам таҳ мекашад,
Олими дилсардро бинам, дилам таҳ мекашад.

Дур аз хоки ватан нодида рӯи модараш
Гиряҳои мардро бинам, дилам таҳ мекашад.

Боғу дашти зард аз нав мешукуфад, лек боз,
Чеҳраҳои зардро бинам, дилам таҳ мекашад.

Достони мардӣ андар Шоҳнома мондааст,
Тарси ҳамовардро бинам, дилам таҳ мекашад.

Ҳар куҷо пулмаст дидам, мефурӯшад ишқи зан,
Духтари шабгардро бинам, дилам таҳ мекашад.

Ҷуфтии ҳамҷинсҳо диду фалак бо ларза гуфт:
Бахти беҷогардро бинам, дилам таҳ мекашад.

**ГУЛУ НОМАИ ИРФОН**

Гулҳои хиёбон ҳамагӣ хор шуда,
Кирмони камозори замин мор шуда.

Он шохи дарахте, ки будӣ маъмани сор,
Бе баргу бару хушку тиҳӣ, дор шуда.

Аз хона бурун омаданӣ нест дилам,
Чун боду ҳаво низ дилозор шуда.

Аз роҳи дили мо бигузаштаст баҳор,
Атрофи чаман яксара девор шуда.

Дӣ ҷуфти кабӯтар ба лаби бом суруд:
Ин хона тиҳӣ аз дили бедор шуда.

Осори ману кори ту бемуштарӣ аст,
Дузди шаби мо сарвари бозор шуда.

Гулдону гулу номаи ирфонии мо,
Чандест куҳанколаи анбор шуда.

## ДУ РОНАНДА

Мошине бо мошине бархӯрд,
Одамонаш ҳеҷ осебе надиданд,
Марг бо навмедӣ аз раҳ бозгашт.
Интизори мардуми ҳангомаҷӯе, ки тамошо омаданд,

Буд пархоши ду ронанда.
Лек ду ронанда гуфтанд:
Дар сари ин пораоҳан ҷои шеван нест,
Ҷони мо қимат зи оҳан нест?!
Дур ронда он ду ронанда
ронда аз даргоҳ Шайтонро,
Даст бифшурданду рафтанд,
Кӯча бар шармандагии хашм механдид.

## БОНГИ ДИЛ

Зиндагӣ ганҷинаи асрор буд, асрор монд,
Дар миёни мову ту девор буд, девор монд.

Гарчи чанде то ба маҳ рафтанд бо парвози ақл,
Баҳси мо марзи Хуҷанду Помиру Фархор монд.

Бонги дил дар сина овози Худо буду дареғ,
Мо фақат таҳқир бишнидему дил аз кор монд.

Он қадар ҷустем осори худу осори рӯҳ,
Бод бурд осори моро, хирмани озор монд.

Корагар гӯё ғилофу теғҳо бедам шуданд,
Кал бинолад: кор аз мӯи сарам бисёр монд.

Ин ҳама ҷоми майу шеъру ғазалҳои равон
Гарчи такрор аст, аммо боз нотакрор монд.

Шодмонам, модаре зери сари тифлаш, агар
Ояти Қуръон, китоби Ҳофизу Аттор монд.

## ХАНДАҲОВУ ГИРЯҲО

Гиряҳои кӯдакон аксар дурӯғӣ мешавад,
Аз барои зоча ё ки қанду об,

Ё ки аз нохоҳамии хоб…
Хандаҳошон бениҳоят беғаш аст,
Хушсадову дилкаш аст.
Бо гузашти вақт, афсӯс,
Дар муҳити сохтакорӣ,
бедимоғӣ, бефурӯғӣ,
Хандаҳошон мешавад ногаҳ дурӯғӣ.
Гиряҳо – ҳаққонии талх,
Ашкҳо – пинҳонии шӯр.

## МУРҒИ ДУО

***Буғзам амон надоду «Худо…» дар гулӯ шикаст.***
*Қайсари Аминпур*

Пару боли мурғи дуо нашканад,
Худоро садо кун, садо нашканад.

Сабо субҳи содиқ паём оварад,
Ба раҳ дасту пои сабо нашканад.

Дили киначӯён бимон, бишканад,
Дар ин аҳд аҳду вафо нашканад.

Шабу рӯзи Одам ҳумоюн шавад,
Пару боли мурғи Ҳумо нашканад.

Булӯри дили софу зебопараст,
Зи дасти каси бесафо нашканад.

Каломи ҳақ андар лабат гар шикаст,
Худо гӯй, дар дил «Худо…» нашканад.

## КИТОБАТИ ҒАМ

Дар ин шаҳр, эй дили ошиқ,

Агар донанд шайдоӣ,
Туро девона медонанд,
Ва шояд аз дари ин шаҳр меронанд.
Дар ин ҷо номаҳои ишқро хомӯш мехонанд,
Каломи «Ишқ»-ро дар зери лаб оҳиста мегӯянд,
Барои марги ёру дӯст ҳам беашк мемӯянд.
Дар ин ҷо боғҳо ҳам нозире доранд,
Гулу гулбуттаҳо ҳам бо иҷозатнома мерӯянд,
Зи лаҳни андалебон иштибоҳу ҷурм меҷӯянд.
Агар булбул шикоят дорад аз ҳоли чаман боре,
Варо зоғу заған хонанд,
Варо доғи чаман хонанд.
Дар ин шаҳр, эй дили шайдо,
Ба оромона раҳ паймудану танҳоӣ одат кун,
Ниҳону ноаён ҳар дам муҳаббат кун,
Ғами худро мазан фарёд,
Ғами худро китобат кун.

## ПАРВОЗ АЗ САДО

Аз тамом оғоз меёбем мо,
Аз сукут овоз меёбем мо.
Бо фиребе дар қафас вомондаем,
Аз садо парвоз меёбем мо.

## БАҲОНА

Дидаам дар мотами ҳамсояе,
Ҳар зани деҳа ба дарди хеш бардорад фиғон,
Баҳри модар ё падар,
Ё ҷигарбанди ҷавонмаргаш,
Ё барои марги марди хеш бардорад фиғон…
Чунки мотам як баҳона-ст,
Аз барои гиряро оғоз кардан,
Аз барои дардро овоз кардан…

## МАРГИ ШОИР

Дар майкадаҳо шароб кам шуд,
Сармастғами хароб кам шуд,
Дар шаҳри шумо савоб кам шуд,
Чун марг рабуд шоиреро.

Аз маҳифлатон тарона пар зад,
Дастони аҷузи ғусса дар зад,
Дар кулбаи дил алоб сар зад,
Чун марг рабуд шоиреро.

Боке набувад, ки хома гум шуд,
Аз дафтаратон чакома гум шуд,
Эй халқ, шиноснома гум шуд!
Чун марг рабуд шоиреро.

Аз ишқи диле ба дил хабар ку?
Аз сӯзиши ошиқон асар ку?
Сад боғ шукуфтаву самар ку?
Чун марг рабуд шоиреро.

Дар гардиши хун шубоб кам шуд,
Бар пурсиши дил ҷавоб кам шуд,
Дар шаҳри шумо китоб кам шуд,
Чун марг рабуд шоиреро.

**ГУМ**

Аз замину аз замон гум мешавем,
Беамону бенишон гум мешавем.

Роҳзан афтад замоне гар аҷал,
Дар раҳе пои равон гум мешавем.

Марг бо як чашм бинад халқро,
Гоҳ пиру гаҳ ҷавон гум мешавем.

Пои оташ об гардад пеши об,
Бо ҳама зӯру тавон гум мешавем.

Гоҳ мисли вожаи аҳди куҳан,
Рафта-рафта аз забон гум мешавем.

Баъди мо моро кӣ меҷӯяд дигар?
Ногаҳону ноаён гум мешавем.

## БАХТ ДАР ЛАҲЗА

**К**ӯдаке дар раҳгузори одамон
Дастҳои кӯчакашро мефишонд.
Дар лабаш гулхандаҳои бегуноҳӣ мешукуфт,
Дил зи чашмонаш паёми офтобӣ мешунуфт.
Панҷаҳояш панҷаҳои нур буданд,
Раҳгузорон кӯр буданд?
Дастафшонии ӯро ҳам надиданд,
Лаҳзаи шоди варо тақвимҳои ғам надиданд.
Пас гуноҳи мо ҳам ин аст:
Бахтро дар лаҳзаҳо дидан набитвонем,
Маншаи хушбахтии худро намедонем.
Ман ҳам аз он ҷо гузаштам,
Гарчи дастафшонии ӯ бемухотаб буд,
Даст афшондам…

## САВОЛ

Дарди дил бисёр, аммо ку забон?
Доғи дил бисёр, аммо ку тавон?
Метавон оё дигар хомӯш буд,
Дар ҳуҷуми теғу шамшеру камон?!

## ХУРШЕДРО РАБУДАНД

Ғоратгарони дунё худ шамъаке набуданд,
Аз осмони нилӣ хуршедро рабуданд.

Аз синаи замини бечораҳолу танҳо,
Нафту газу тилоро чун кирмҳо зудуданд.

Аз хуну хашми мардум, аз дурри чашми мардум,
Деворҳо фузуданд, анборҳо фузуданд.

То бар фалак парида, маҳтобро чарида,
Моро пареш карда, дар бистаре ғунуданд.

Лаб рӯғаниву бо ашк аз минбари баланде
Бар гӯши мо дурӯғу бас ҳарзаҳо суруданд.

Дар коғазе баланду дар маърифат лаванданд,
Як хас ба кас надода, худро басо сутуданд…

Айшу тараб намуда, шӯру шағаб намуда,
Бо сад фиребу ҳилла сад киштаро дуруданд.

Бедор шав, ай инсон, то кай ту ғофил ин сон?
Дар даст коҳ дорӣ, хирман зи ту рабуданд.

***

Он қадар одам будан мушкил фитод,
Одамӣ ҷустам, ки по дар гил фитод.

Майли дунёро нигар бо нокасон,
Боз аз соҳибдилон ғофил фитод.

Кай чашидӣ мевае аз шохи адл?
Аз азал ин нахл беҳосил фитод.

Фитнангезист кори ин ҷаҳон,
Мардуми фарзонаро қотил фитод.

Домани гардун чаро гирам дигар?
Аз қадим одам чу ноқобил фитод.

Сактаҳо ҷустанд аз кору гапам,
Оқибат бас сактаҳо дар дил фитод.

Гоҳ-гаҳ девона будан беҳтар аст,
Дар ғами одам шудан оқил фитод.

## БИГЗАРАД…

***Каси дигар аз ранҷи мо бар хурад,***
***Намонад бар ӯ низу ҳам бигзарад.***
***Абулқосим Фирдавсӣ***

**С**убҳи тарабноки шумо бигзарад,
Тирашаби қисмати мо бигзарад.
Базми шумо бо ҳама шӯру қиём
Мотами мо ҳам, ба Худо, бигзарад.
Нуқлу набот аст ба коми шумо,
Гушнагии тифли гадо бигзарад.
Дасти вафо ҳалқаи дар мезанад,
Аз сари мо теғи ҷафо бигзарад.
Вақт савор аст ба аспи даванд,
Аз раҳи дил бесарупо бигзарад.
Аз гунаҳат мегузарам, эй азиз,
Аз ману ту ҷурму хато бигзарад.
Аз сари мо ҳар чӣ гузашт, ор нест,
Аз сари ту мурғи Ҳумо бигзарад.
Кафтараке бӯса занад ҷуфти худ,
Зиндагии зиндаҷудо бигзарад.
Шукри ҳавое, ки пур аз гарди туст,
Бе ту гаҳе қадри ҳаво бигзарад.
Тирамаҳи дард диламро фишурд,
Тозабаҳорам чу сабо бигзарад.
Гар ту табиби дили афсурдаӣ,
Зуд биё, вақти даво бигзарад.
Ҳеч кас аз ҳеч касе нест кам,
Бахти ману тахти шумо бигзарад.
Хок баробар бикунад қадри мо,
Варна каму беш куҷо бигзарад?

**ОИНА**

Лаби каззобҳо накушуда беҳтар,
Дили қаллоб бошад, кош хомӯш.
Ҳақиқат дар масал оина бошад,
Ҳақиқат дар ту бошад, бош хомӯш!

**БИҲИШТ**

Моро Худой аз як обу гиле сириштаст,
Дони ману шуморо дар як замин бикиштаст.
Девор худ чӣ бошад? Якчанд сангу хишт аст,
Девор чун биафтад, ҳар ду тараф биҳишт аст!

**ҲАМНИШИН**

Аз насли шоҳ омада, инак гадо шудем,
Аз Борбад гусаставу беҳамнаво шудем.
Хуршеду Моҳ баски нашуд ҳамнишини мо,
Бо дегҳо нишаставу мо ҳам сиё шудем.

**ИН ҚАВМУ ОН ҚАВМ**

Ин Каҳкашониён бо коҳ сархушанд,
Бечораю пакар бо оҳ сархушанд.
Қавме ба сӯи маҳ раҳ канда сархуш аст,
Ин қавм баҳри ҳам чаҳ канда сархуш аст.

**ЗАБАРДАСТ**

Пас аз қулла бешубҳа пастӣ бувад,
Ба ҳар пар кушудан нишасте бувад.

Ҳамин марг посух ба ҳастӣ бувад:
«Забардасти ҳар даст дасте бувад».

**ПӮЗИШ**

Тоҷики садпора дар ғафлат шуда,
Ғарқаи хунобаву ҳасрат шуда.
Гурзи Рустам занг баста як тараф,
Рӯҳи Рустам боз нороҳат шуда…

**ФАРҚ**

Дарад ҳамҷинси худ ҳайвон дар он дам,
Ки беҳад гушнаву ночор бошад.
Вале одам дарад одам дар он дам,
Ки серу беғаму бекор бошад.

**КАШШОФ**

Аз ҷумлаи дилдорон будан чи қадар мушкил,
Дар оини хушкорон будан чи қадар мушкил.
Қассоби дили ёрон будан чи қадар осон,
Кашшофи дили ёрон будан чи қадар мушкил.

**ДАСТКӮТОҲ**

Аз соғари лабҳоят нӯшида натонистам,
Дар чашми ту чун чашма ҷӯшида натонистам.
То тӯри арӯсият пӯшид сару рӯят,
Бо бӯса лабу рӯят пӯшида натонистам.

**ГИРЯ**

Ба рағми сардии дилҳо диламро гарм медорам,
Ба рағми сахтии дунё диламро нарм медорам.
Замони кӯдакӣ буд ошкоро гиряҳои ман,
Кунун аз гиря кардан пеши худ ҳам шарм медорам.

**БОМ**

Чӣ месӯзӣ ту андар ҳасрати ном,
Нуҳуфта дар паси номат дусад дом.
Ба болобудагон рашкат наояд,
Ҳамеша барфу борон аст дар бом.

## ЗИНДАГИИ СОДА

Рӯҳро озода бояд доштан,
Хешро дилдода бояд доштан.
Мисли одамҳои поки русто
Зиндагии сода бояд доштан.

## РӮШАНДИЛ

Дунё гули гулхани маро мехоҳад,
Гулғунчаи гулшани маро мехоҳад.
Дар кори замона тирагӣ бисёр аст,
Дунё дили рӯшани маро мехоҳад.

## ОҒОЗУ АНҶОМ

Ҳар чиро оғоз ҳаст, анҷом ҳаст,
Дар паси ҳар субҳи содиқ шом ҳаст.
Зинаҳо боло баранду кам шаванд,
Ин ҳама деворҳоро бом ҳаст.

## БА КУҶО МЕБАРӢ?

Ин ҷо, ба Худо, шеъру суханро нашиносанд,
Шеъру ғазалатро ба куҷо мебарӣ, эй дӯст?
Бо чеҳраи туршу сухани тунду дили реш,
Хунби асалатро ба куҷо мебарӣ, эй дӯст?!

## ШУСТУШӮИ БАРФ

Лаззате ҳис мекунам аз бӯи барф,
Бӯсаҳо хоҳам задан бар мӯи барф.
Ҷилди бистарҳои чиркини замин,
Пок шуд аз кори шустушӯи барф.

## ДАРДИ ШОИРОНИ РАФТА

Сухан суфта гаҳе носуфта гӯям,
Зи дарди шоирони рафта гӯям.
Яке мақсуди ман аз шеър ин аст:
Ки дарду нолаи ногуфта гӯям.

**МАСТИ ДИГАР**

Боз ҳам афтода дар шасти дигар,
Гирад аз дастони ту дасти дигар.
Аз майи лабҳои нӯшат баъд аз ин,
Бодаҳое мехурад масти дигар.

**ТАЗОД**

Некро дунё ба зишт оганда кард,
Мурғи ақлу ҳушро парканда кард.
Дар чаман зоғ аз ҳама гӯё шуда,
Булбули лаббастаро шарманда кард.

**ОИНА НАШНОХТ**

Хонаам бе файзи ту пургард шуд,
Бистарам бе гармии ту сард шуд.
Бе ту нашносад маро оина ҳам,
Сурхии рӯям париду зард шуд.

## МАСТИИ РАГҲОИ ҶОН

Як лаҳзае хомӯш шав,
Як лаҳза гӯшу ҳуш шав.
Дил, савт бишнуфтан бигир,
Эъҷоз, бишкуфтан бигир.
Оҳангҳоро даст кун,
Рагҳои ҷонро маст кун.
Дар чанги чанг афтода бош,
Истад садо, истода бош.
Бо тор тори дил кушо,
Бо ной кори дил кушо.
Бо созҳо дамсоз шав,
Бо шеър ҳамовоз шав.
Дурӣ биҷӯ аз ҳамҳама,
Саршор шав аз замзама.
Парвоз ёбад рӯҳҳо,
Гум мешавад андӯҳҳо.

## БИФАРМО, ТО ГУЛИ ОШИҚ БИРӮЯД

Ҷаҳон аз партави ишқи ту рӯшан,
Баҳор аз мавҷи мӯят анбарин аст.

Нигоҳат оини оинаам шуд,
Ду чашми меҳрубонат оташин аст,

Ба гӯшам рози дил ифшо бисозӣ,
Суханҳоят латифу шаккарин аст.

Ҳама эҳсоси покатро бубахшо,
Фироқу ғуссаҳоят дар камин аст.

Бифармо, то гули ошиқ… бирӯяд,
Ки дунё бо муҳаббат нозанин аст.

Агар бахту саодат дод Яздон,
Ҳамин асту ҳамин асту ҳамин аст!

## АСО

Рӯзу шаб бо ҳасрату бо чашми тар,
Менишинӣ бо умеде пушти дар.
Чун дароям, дидаат рӯшан шавад,
Шоми торикат шавад гӯё саҳар.

Модар, эй модар, чароғи рӯзгор,
Марҳамӣ бар дарду доғи рӯзгор.
Гарчи пиру хастаӣ, аммо ҳанӯз
Тухми гул поши ба боғи рӯзгор.

Ҳамнавои пирии ту мешавам,
Дасту пои пирии ту мешавам.
Дасту пои пирии ту гар нашуд,
Ман асои пирии ту мешавам.

Модар, эй модар, чароғи рӯзгор,
Марҳамӣ бар дарду доғи рӯзгор.
Гарчи пиру хастаӣ, аммо ҳанӯз
Тухми гул поши ба боғи рӯзгор.

## ДУО

*(суруд)*

**А**ё модар, дилатро пора кардӣ,
Фидо худро ба мо ҳамвора кардӣ.

Суруди аллаат айни дуо буд,
Дуоҳо дар сари гаҳвора кардӣ.

Наҷуста дарду доғатро шифое,
Ҳамеша дарди моро чора кардӣ.

Гули нону намакро дода бар мо,
Қаноат гаҳ ба як нонпора кардӣ.

Ҷавониро ба мо мерос додӣ[15],
Чу барги тирамаҳ рухсора кардӣ.

---

[15] Бо дуои осмонӣ,
Додӣ мероси ҷавонӣ (устод Лоиқ)

«Сараш аз санг бошад», гуфта ҳар дам,
Худои меҳрубонро зора кардӣ.

## КАМОНАБРӮ

Камонабрӯ ба абрӯи камонӣ,
Шикорам карда бо номеҳрубонӣ.
Намонад теғи чашмонаш, ки бинам
Қаду болои ӯро дар амонӣ.

Ба хориву ба ранги заъфаронӣ,
Ба роҳаш мекунам ман гулфишонӣ.
Чи сон дил меканам аз дилбари худ,
Ҷудо ҷонам мабод аз ёри ҷонӣ.

Дар айёми гулу нӯши ҷавонӣ
Дуое мекунам бо дилгаронӣ.
Намирам то ки аз дарду фироқаш,
Худоё, нозанинамро расонӣ.

Камонабрӯ ба абрӯи камонӣ,
Шикорам карда бо номеҳрубонӣ.
Намонад теғи чашмонаш, ки бинам,
Қаду болои ӯро дар амонӣ.

## БА ЯК НАФАС

Атои бебаҳои ман,
Расида аз Худои ман;
Дили туро биёфарид
Худои мо барои ман.

Туро ба кас намедиҳам,
Ба як нафас намедиҳам.

Фариштаи дили манӣ,
Зи умр ҳосили манӣ.
Чу рӯд саркашам зи бас,
Сабурсоҳили манӣ.

Туро ба кас намедиҳам.
Чу булҳавас намедиҳам.

Дар ин ҷаҳони пасти худ,
Туро диҳам зи дасти худ -

Зи дасти ман равад ҷаҳон.
Зи дасти гулпарасти худ

Туро ба кас намедиҳам,
Ба хору хас намедиҳам.

**ПУШТАҲОИ ДАНҒАРА**

Ҳуш мерабояд манзара,
Дар пуштаҳои Данғара.
Тасвири ҳич рассом нест,
Наққошии ин манзара.

Резад аҷоиб шаршара,
Дар пуштаҳои Данғара.
Ин шаршара аз об нест,
Аз лола бошад шаршара.

Сармаст гардам яксара,
Дар пуштаҳои Данғара.
Аз соғари лола мудом,
Резад майи хубу сара.

Занбӯри шаҳди шираҷӯ,
Дар пуштаҳои Данғара.
Бас шаҳдҳо ҷамъ оварад,
Ҳаргиз нагашта бефара.

Ман ҳам биҷӯям ёрро,
Дар пуштаҳои Данғара.
Аз чанги ман бигрезад ӯ,
Монандаи оҳубара.

Эй кошки, мемондам
Ман ҳам муқими ин дара.
Бо ёри ҳабдаҳсолаву
Бо пуштаҳои Данғара…

Зеботарини манзара,
Дар пуштаҳои Данғара.
Тасвири Наққоши азал -
Зебоии ин манзара.

## ГУЛОФАРИДА

**Б**аҳор омад, биё, гул чида-чида,
Биё, эй навниҳоли қадрасида.
Бароям боғи гулҳо чун қафас шуд,
Қади сарви баландатро надида.

Биё, гулдухтари гулофарида,
Ба болини пари қу орамида.
Мани ошиқ чӣ донам лаззати гул,
Зи шаҳди ғунчаи лаб ночашида.

Баҳор омад, биё гул чида-чида,
Биё, оҳи дили булбул шунида.
Ба як чашмакзадан дилро рабудӣ,

Ба як чашмакзадан аз ман рамида...

Биё, гулдухтари гулофарида,
Ба болини пари қу орамида.
Мани ошиқ чӣ донам лаззати гул,
Зи шаҳди ғунчаи лаб ночашида.

## НАБЗИ МАРО ШУНАВ

**Б**ишин, дар дида мастӣ кун,
Ба ишқам сарпарастӣ кун.
Зи сарбозони маргу ғам
Биёву пешдастӣ кун.

Ба ҷонам мезанӣ оташ,
Ҷаҳонам мезанӣ оташ.
Баҳороину атрогин,
Хазонам мезанӣ оташ.

Зи тахти худ фаро як дам,
Ба ғамхона даро як дам.
Фақат номи туро гӯяд,

Шунав набзи маро як дам.

Ба ҷонам мезанӣ оташ,
Ҷаҳонам мезанӣ оташ.
Баҳороину атрогин,
Хазонам мезанӣ оташ.

**ХУҶАСТАБОД!**

Эй хушписанди ошиқ, хуш омадӣ ба хона,
Бахти баланди ошиқ, хуш омадӣ ба хона.
Дар байни нешхандон, танҳо ту нӯшхандӣ,
Эй нӯшқанди ошиқ, хуш омадӣ ба хона.

Эй дилфурӯзи ошиқ, кошонаат муборак,
Хуршеди рӯзи ошиқ, парвонаат муборак.
Дар мақдамат шукуфта гулғунчаҳои бахтам,
Эй гуларӯси ошиқ, афсонаат муборак.

## ХОҲАМ, КИ ХОБ БОШАД…

**О**сори ту бароям
Девони ёд будаст.
Дасти ту рӯи дастам
Чун дасти бод будаст,
Ин дил ба мисли тифле
Беҳуда шод будаст.

Қалбам, ки аз паят рафт,
Дигар нагашт бо ту.
Девору мову тақвим -

Ин ҳафту ҳашт бо ту.
Хоҳам, ки хоб бошад,
Ҳар чӣ гузашт бо ту…

Осори ту бароям
Девони ёд будаст.
Дасти ту рӯи дастам
Чун дасти бод будаст,
Ин дил ба мисли тифле
Беҳуда шод будаст.

## САПЕДУ СИЁҲ

*(дар ҳавои таронаҳои мардумӣ)*

Дунё дуранг дидем,
Бо сулҳу ҷанг дидем.
Нозук чу шишаи дил,
Гаҳ хорасанг дидем.

Дунё дуранг дидем,
Зуду диранг дидем.
Дил оҳуи рамида,
Ғамро паланг дидем.

Дунё дуранг дидем,
Зишту қашанг дидем.
Як растаро пури гул,
Як раста банг дидем.

Дунё дуранг дидем,
Шарқу Фаранг дидем.
Аз гӯр монда ғофил,
Ин даҳр танг дидем…

## ДИДОРИ ОХИР

Ба пешат омадам бо хастаҳолӣ,
На оташ дар дилам аз ишқболӣ.
На як гул дар кафам, на шеър бар лаб,
Дилам аз орзу пур, даст холӣ

Маро ҳаргиз мабар аз ёду хотир,
Туро шояд бубинам бори охир!

Дигар як лаҳзае бо ту намонам,
Суруди ишқро дигар нахонам.
Сафар дорам, дуоятро бихоҳам,
Куҷо самти раҳам, гарчи надонам.

Маро ҳаргиз мабар аз ёду хотир,
Ки шояд бошад ин дидори охир!

## ҚОНУНИ МУҲАББАТ

Намехоҳам туро аз даст додан,
Ба дасти одамони паст додан.
Бидуни ту ба қасдам марг бошад,
Намехоҳам туро барқасд додан.

Намехоҳам туро дар банд дидан,

Ғамоҳангу аламҷайванд дидан.
Намехоҳам ба лабҳои ақиқат,
Гули маснӯии лабханд дидан.

Ба оғӯшам биёӣ, пургуноҳам,
Зи оғӯшам равӣ, бесарпаноҳам.
Ҳазор эҳсос печидаст дар дил,
Намедонам зи ту ҷуз ту чӣ хоҳам?!

Худо ҳамҷону ҳамхуни ту кардаст,
Дар оину дар афсуни ту кардаст.
Раҳо карда зи қонунҳои ҳастӣ,
Ғуломи ишқу қонуни ту кардаст.

Намехоҳам туро аз даст додан,
Тиломоҳии бахт аз шаст додан.
Бидуни ту ба қасдам марг бошад,
Намехоҳам туро барқасд додан.

## ШАБЧАРОҒ

*(рубоиҳо)*

Қумриву парастуҳо такаллум карданд,
Садбаргу бунафшаҳо табассум карданд.
Дар раҳрави ғамбиё гулу сабза дамид,

Ғамҳо раҳи хонаи дилам гум карданд.
***
Бо фотиҳаи баҳор дилбаста шудем,
Бо роиҳаи насим вораста шудем.
Бишкуфта ту дар гулшани дигар, ман ҳам,
Дар ишқ ба ҳам омада гулдаста шудем.
***
Бар кӯҳ задам садо, ки мо ҳам ҳастем,
Дар чашмаяке чашми дили худ шустем.
Ду латтаи арғувонии ишқу умед,
Бар шохи дарахти пири русто бастем.
***
Шабчароғи синаи мо, ишқ, ишқ,
Хонаи оинаи мо, ишқ, ишқ.
Мо ба ту ошиқ, ту ошиқтар зи мо,
Ошиқи деринаи мо, ишқ, ишқ.
***
Валлоҳ, бузургӣ, ту бузургӣ, Хайём,
Пиндоштаам туро ба худ ҳамайём.
Як ҷоми дигар барои ту кардам пур,
Ҳар гоҳ нишаста ҳамдами бодаву ҷом.
***
Дунё, ба сарочаи ғамат раҳ додӣ,
Дар куртаи худ нагунҷидам аз шодӣ.
Дил гуфт, ки зиндагӣ ҳамон зиндон аст,
Бо ҳар ҳила ҷӯямаш раҳи озодӣ.
***
Дар шеъри тару тарона пинҳон шудаӣ,
Дар фалсафаю фасона пинҳон шудаӣ.
Дар рақси самои Мавлавӣ чарх зада,
Дар «Ё раб»-и орифона пинҳон шудаӣ.
***

***
Ҳарчанд, ки радду бадали айём аст,
Хайём ба айёми ҳама Хайём аст.
Ин ном ба сардари ҷаҳон бинвисем,

Оядаву рафтагони мо хушном аст.
***
Косаҳои бодаро гардон кунед,
Тарки маҳфилҳои бедардон кунед.
Аввалин одоби мардии шумост:
Ёди ранҷу ғуссаи мардон кунед.
***

**БУНАФШАРЕЗ**

*(дубайтиҳо)*

Хатои мо хато гоҳо набудаст,
Савоби мо раво гоҳо набудаст.
Ба вақти гуфтугӯ оҳиста бошем,
Садои мо зи мо гоҳо набудаст.
***
Давоми ишқро аз фолҳо пурс,
Вафои умр аз хушҳолҳо пурс.
Қафо гардад мабодо тири соат,
Хати пешонаро аз солҳо пурс.
***
Ба монанди дили худ дил наёбӣ,
Чу ҳавлии падар манзил наёбӣ.
Нишинӣ бо хирадмандони дунё,
Ба мисли модарат оқил наёбӣ.
***
Намеёбӣ маро дар рӯи дунё,
Намеёбӣ маро аз зери дарё.
Маро гум кардаӣ чун зарраи рег
Ба регистони бепоёни саҳро.
***
Даруни шеъри худ маҳфузам акнун,
Лабамро аз сухан медӯзам акнун.
Ҳама сӯзи дилам беҳуда будаст,
Барои модарам месӯзам акнун.
***
Дилам аз дарди Одам чок бошад,
Дили чокам, Худоё, пок бошад.
Баҳори зиндагонии ман сар ояд,
Хазони ман баҳори хок бошад.
***
Дили ман арсаи сӯзу гудоз аст,
Раҳи мақсуди ман шебу фароз аст.
Баҳор овардани ман нест осон,
Ба мисли турнаҳо роҳам дароз аст.
***
Диламро то дили дарё кашонам,
Сарам то домани саҳро кашонам.
Дар ин дунё ғамам поён наёбад,
Ғамамро то ба он дунё кашонам.
***

Диламро теғи дардат мехарошад,
Хазони рӯи зардат мехарошад.
Дигар аз чашми ту Хуршед гум шуд,
Яхи мижгони сардат мехарошад.
***
Туро бинанду каф бар сина монанд,
Ба дастат дастаи нақдина монанд.
Зи худбинии худ ҳаргиз намондӣ,
Бимирӣ, дар лаҳад оина[16] монанд.
***
Куҷо шуд давлати он ишқи сармад,
Баҳори ошиқӣ ногаҳ саромад.
Шукуфтам бармаҳал дар боғи қалбат,
Гули бодоми ишқамро хунук зад.
***
Натарсидам зи душманҳои сустам,
Натарсидам зи қотилҳои чустам.
Дурӯиҳои ёрон дида дирӯз,
Зи дунё дасту дилро пок шустам.
***
Дар ин шаҳр аз муҳаббат ҳосиле нест,
Дар ин ҷо бошарофат манзиле нест.
Агар ман ҳам бимирам бо дили реш,
Дигар монанди ман соҳибдиле нест.
***
Туро бо ман дили ноошно буд,
Бидуни ту ҷаҳон мотамсаро буд.
Шабоне, ки зи ман ғофил бихуфтӣ,
Мададгори дилам танҳо Худо буд.
***
Туро хуштинату хушкор бинем,
Ҷавону шоду гулрухсор бинем.
Ту бонуи хирадмандӣ, ҳамеша
Хирадманду хирадсолор бинем.
***
Илоҳӣ, ҳарфҳоят сабзу тар бод,
Илоҳӣ, дастҳоят болу пар бод.

---

[16] Аз қазо оинаи чинӣ шикаст,
Хуб шуд, асбоби худбинӣ шикаст.

Рақибонат нагунсору нагунбахт,
Азизонат ҳамеша тоҷи сар бод!
***
Ба кунҷи сина дил чун барг мондаст,
Зи сар нагзашта танҳо марг мондаст,
Ҳама баргу гули ман рехт, афсӯс,
Шамоли зиндагӣ дилро фишондаст.
***
Нигоҳам дар нигоҳат лона монад,
Ба мӯят панҷаам чун шона монад.
Агар ширин кунӣ шеъру ғазалро,
Ба ту девони як девона монад.
***
Душанбе, хишти деворат сари ман,
Гулат шодоб аз шеъри тари ман.
Ту, ки оҳанрабои ишқ дорӣ,
Барӣ дилро ҳамеша аз бари ман.
***
Лаҷоми аспи давлат сахт гирӣ,
Ту метонӣ, ки тоҷу тахт гирӣ.
Вале бо зорию зӯру зари беш,
Наметонӣ зи қисмат бахт гирӣ.
***
Хаёли ман нишонии ту бошад,
Мадори ман равонии ту бошад.
Ало эй кӯдаки чилрӯзаи ман,
Камоли ман ҷавонии ту бошад.
***

## ШАБНАМ

*(байтҳо)*

Садобаландкардагон ба зери дор меравад,
Бале, баланд меравад, касе баландгавҳар аст.
***
Зимистон омаду ин субҳ хуршед,
Намози рӯшноиро қазо кард.
***
Соати худро зи тилло кард, лек,
Лаҳзаҳои рафта аз нав барнагашт.
***
Зишту неки зиндагӣ афсона нест,
То ба сар н-ояд, намедонӣ, ки чист.
***
Бифиристам ба нишонии ту акси бисёр,
Ту дигар сояи моро натарош аз девор..!
***
Зи ту бегонаам монанди хешат,
Зи ту ман мегурезам то ба пешат.
***
Бисёр фурӯ рав ба дили ҳикмату дониш,
Аз решадавонӣ бишавад нахл қавитар.
***
Қатраи ашки ту хуни ман бувад,
Ҷони ман, хуни маро резӣ чаро?
***
Ҷурми ту аст, соат, моро ба марг додӣ,
Аз мо қимоб будӣ, арзон чу барг додӣ?!
***
Он қадар гаштам қариби офтоб,
Чашм пӯшидам, ҳама ҷо нур шуд.
***
Чашм гарчи тезбину рӯшан аст,
Хешро, аммо набинад ҳеч гоҳ.
***
Сӯхтан ё сохтан хоҳӣ, биё,
Хонаи Хуршедро таъмир кун!

**Сергей ЕСЕНИН**
***(1895 - 1925)***

## НОМА БА МОДАР

Зиндаӣ ту, модари пирам ҳанӯз?
Зиндаам ман, чунки мегӯям дуруд.
Кош рӯи кулбаи эҳзони ту,
Рӯшании бемисол ояд фуруд.

Нома бинвиштанд: ту дар изтироб,
Ғуссаҳое мехурӣ аз баҳри ман;
То сари роҳам барои интизор,
Ҷомаи фарсудаат карда ба тан.

Аз паси торикие вақти ғуруб,
Пеши чашмони ту дар ин манзарам:
Гӯиё дар як низои майкада,
Теғи финӣ мезананд, аз хун тарам.

Ғам махур, ором бош, эй меҳрубон,
Ин фиребе бошаду рӯъё тамом,
Он қадар ҳам майгусоре нестам,
Ки туро нодида пӯшам чашмҳом.

Ман чу пешин меҳрубону боумед,
Орзу дорам ба ҷону дил мудом -
То ки аз ғамҳои балвогар раҳам,
Боз оям бар дарат чун мурғи ром.

Муғчабандӣ сар шавад, ман ҳам расам,
Дар баҳори нав ба боғи махмалин.
Лек танҳо ту ба субҳи рӯзгор
Нестӣ чун ҳашт соле пеш аз ин…

Зиндагӣ поён шуду хуфт орзу,
Орзу гар гул накард, ором бош.
Бармаҳал қурбонии санҷиш шудам,
Ноумед аз баъди якумра талош.

Бар намозу тавба ташвиқам макун,
Пирро имкони баргаштан куҷост.
Ту фақат шодиварию ёрманд;
Ту фақат чун нур бешарҳию рост.
Бар зи хотир изтиробу дардҳо,
Ҳам махур ғам аз бароям ин қадар.
Дар сари роҳам наё ҳам зуд-зуд,
Ҷомаи фарсудаат карда ба бар.

**Евгений ЕВТУШЕНКО**
***(1932-2017)***

## ЭЙ ХУДО…

Эй Худо, чашмони нобинойро бино намо,
Кӯзпуштеро намо чун сарвбун.
Деҳ ба мо ҳисси илоҳӣ як каме,
Лек аз таслиби беҷо дур кун.

Ё Худо, аз нафси мансабҷӯ ҳазар,
Алҳазар аз қаҳрамонии дурӯғ.
Давлате деҳ, лек моли дузд не,
Чун нахоҳам рӯзгори бефурӯғ.

Гурги борондида бошам, бок не,
Дур кун гургошноёнро даме.
Куштае ҳам нею не ҷаллод ҳам,
На гадо бошам, на шоҳи беғаме.

Мон, ки ҷисми ман шавад захмӣ каме,
Баски дар майдони размам пештар.
Бештар кун кишвари рӯи ҷаҳон,
То бидонам қадри меҳан бештар.

Эй Худо, дар кишварам ҳаргиз мабод,
По занад ноодаме бар мӯзадӯз.
Ҳамсарат дар сахту сусти рӯзгор
Дӯст дорад, кош беш аз динарӯз.

Ё Худо, каззобҳо хомӯш бод,
Бишнавам аз кӯдакон савти Илоҳ.
Зиндагӣ бо чашми исой кунем,
Ё ки бо гулхандаи рухсорамоҳ.

Бесалибему вале бедин наем,
Бенавоҳо чунки ҳар дам сархаманд.

Бовару имон муқими дил шавад,
Шав зи файзу фарри Яздон сарбаланд.

Эй Худо, бар кулли одам файз бахш,
Бе пушмаймонӣ шавад анҷоми кор.
Ончунон бахшо баробар бар ҳама,
То намонад дар дилу хотир ғубор.

## МОДАРОН МЕРАВАНД

Модарон аз мо раванд оҳистаю хомӯш,
Гӯиё бо нӯг-нӯги пой.
Мо ҳама хобем,
серем аз таоми дӯш.
Мерасад он саоти сарди видоъ.
Модарон аз мо баногаҳ меравянд?
Ҳаргиз,
Дар назар метобад, аммо ногаҳонӣ нест,
Реза-реза пой монда мераванд аз зинаҳои вақт.
Мешавад рӯзе, ки ногаҳ дар кадомин сол
Зодрӯзи модари худ ҷашн мегирем бо ғавғо,
Шодии мо бе ҳузураш, лек бемаъно.

Рӯҳи мо, ҳам рӯҳи онҳо
оҷизанд андар наҷот,
Аз назар ғоибу пинҳон мераванд,
Аз назар ғоибу пинҳон мешаванд.
Баъди чанде хоб дида дилкашолӣ мекунем,
Бархурад аммо кафи мо бар ҳаво,
Бар тани он шишадеворе, ки қад афрохта дар байни мо.
Дер кардем, охир омад соати пурфоҷиа
Чашм дӯзем, ашк резем оқибат
…Чун сутуни устувору сард аз по мефитанд,
Модарон хомӯш аз мо мераванд…

**Ника ТУРБИНА**
***(1974 - 2002)***

## АЛЛА ГӮЕД МАРО

Алла гӯед марову бидиҳедам алвонҷ,[17]
Бистари гарм ба рӯям пӯшед,
Бо суруди сари гаҳвора фиребам бидиҳед,
Ҳар саҳар хоб ба ман тухфа кунед;
Рӯзҳоро, ки пур тасвир аст
ва дар он шамс зи рӯз обитар
ба назар метобад
Ба таҳи болиши ман бигзоред.
Интизори чӣ нишастед, маро гӯш диҳед:
Кӯдакӣ кард фирор аз ману рафт!

---

[17] Ин ва дигар шеърҳо аз нахустин ва охирин маҷмӯаи шоира - «Черновик». Москва, 1983

## БА МОДАРАМ

Ниёзе сахт дорам бар навозишҳот,
Чу гунҷишке, ки рӯзи марг мехоҳад нафас гирад.
Ниёзе сахт дорам бар лабони изтиробоганди ларзонат
Дар он вақте ки танҳоям…
Ниёзе сахт дорам ман бар он чашмони хандонат,
Ки онҳо ашк доранду маро ҷӯянд.

Чаро пур гашта аз дарди сияҳ дунё?
Ба он хотир, ки ту танҳоӣ ин лаҳза,
Ба он хотир, ки ту танҳоӣ, ай модар?

## БА МОДАРКАЛОНАМ

Ғаму дардат кунам пора,
Ба ту гулдастае созам.
Ҳамон қадре тавонистам,
Ба ту иншо кунам розам:
Зи субҳи поку нилобӣ
Зи булбулҳои фасли гул…

Ғаму дардат кунам пора,
Вале ҳоло намедонам,
Чаро дар кулбаат  монам,
Диламро мефишорад ғам?

Зи бомат то ба ҳавлият,
Раҳи ғамро кунам пора,
Вале гулдаста ово зад –
Ки гул мурда дар ин хона…

Ғаму дардат кунам пора,
Ба хушбахтӣ расӣ ё на?

## МАН КИЯМ?

Ба чашмҳои кӣ нигаҳ кунам ба ин ҷаҳон?
Ба чашмҳои ёру дӯст?
Ё вуҳуш?
Ё дарахтҳо?
Парандаҳо?

Ба ду лаби кӣ бӯсаҳо занам ба шабнаме,
Ки рӯи баргҳо ҷило диҳад ду-се даме?
Ба дасти кӣ канори худ кашам,
Ба меҳрубонӣ ин ҷаҳони бебақои хешро?

Садои хеш гум кунам миёни ин ҳама садо
Садои ҷангалу шабу даман, садои ашки осмону тундбод?
Хулоса, ман киям?
Чаро зи хеш хеш ҷустуҷӯ кунам
Ба ин қадар садо, ки дар табиат аст
Чӣ гуна посух оварам?